176178

КУРБОН АЛӢ



# ЯККАПИСАР

ҚУРБОН АЛӢ

# ЯККАПИСАР

*Ҳикояҳо*

НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ — 1986

Тоҷик[1]
А—49

Государственная
респуб. библ. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси

176178

Тоҷик2

*Алӣ Қурбон*
А- 49 Яккаписар. Ҳикояҳо. (Барои бачаҳои синни калони мактабӣ)—Душанбе: «Маориф», 1986.
48 саҳ.

Қаҳрамонони ҳикояҳои шодравон Қурбон Алӣ, ки дар маҷмӯаи «Яккаписар» гирд оварда шудаанд, асосан занҳо, духтаронанд. Адиб аз назари онҳо ба ҳаёти одамон нигариста, ба ин васила як силсила образҳои хотирнишин офаридааст.

Тоҷик[2]

**Али Курбон**
Единственный сын.

А $\frac{4803010000—711}{М504(13)—86}$ бе эълон

© Нашриёти «Маориф», 1986.



## ЯККАПИСАР

Кунда зарангвор сахт буд. Табарро ҳарчанд базарб занад ҳам, аз он базӯр парахае мекӯчид. Модар кундаро чанд бор ин сӯ-он сӯ ғелонда дид ва ниҳоят рост карда монд ва нафаси чуқур кашида, табари вазнинро ба сараш бардошт. Ин дам аз поёни майдон овози марде шунида шуд.

— Шоиста, ҳой Шо-ис-та!..

Овози дупӯстаи мард ба Шоиста нафорид магар, ки ӯ лаб газида, абрӯвонашро чин кард.

Кунда табарро газиду ба як тараф ғелид. Вақте ки Шоиста номи худро дубора шунид, чашмони обравашро молида-молида, ҳаросону беовоз ба тарафи майдон рафт. Марди фарьёдкунанда, ки хаткашони деҳа буд, рӯиҳам ҷомаю пӯстин пӯшида, ба сараш фӯтаро саллавор баста, фаҳул шуда буд, дар байни дарахтон вазнин-вазнин равуо дошт. Хаткашони солхӯрда Шоистаро диду ҳолпурсӣ кард:

— Сиҳат-саломат ҳастӣ, духтарам?..

Ҳолпурсии дислӯзонаи хаткашон ҳам ба гӯши ӯ нафорид. Шоиста чашм аз замин намебардошт. Хаткашон сурфа кардаву тамоми баданаш ларзида гап

мезаду дам ба дам даҳонашро бо кафи даст мепӯшид.

— Писарат канӣ, Шоиста? Писарат зарур...

Ин суханон Шоистаро як қад паронданд. Вай хомӯш буд, зеро чӣ гуфтанашро намедонист. Писараш ба Сангпул рафта буд, барои хошоккашонӣ. Аробасавор рафтааст. Аҷаб кард, ки рафт. Вале Шоиста ҳамаи инро аз хаткашон, чунон ки вай писарашро дуздиданӣ бошад, пинҳон кард.

— Писарам дар хона нест, амакҷон. Агар бовар накунед, марҳамат, ба хона дароеду ҳама ҷоро кофта бинед. Саҳарӣ рафт, вале ба куҷо рафтанашро ба ман нагуфт,— ҷавоб дод Шоиста. Забони вай мегирифт, ки сар аз замин набардошта истод. Агар сар мебардошт, шояд хаткашон рози дили ӯро аз ҳаракати чашмонаш мефаҳмид. Хаткашон абрӯвонашро боло кашид, маъюсидор сурфа кард ва даруни халтаи васеашро кофта, аз рӯзномаю маҷалла ва мактубҳои бисьёре якеро гирифт.

— Писаратро руст накарда росташро гӯй, духтарам,— гуфт боз пандомезона.— Ман ба ӯ гап дорам. Ҳа, гапи зарур дорам.

Шоиста муддаои хаткашонро фаҳмида буд. Хаткашон, албатта, хабари нохуш овардааст. Оё илоҷи халосӣ аз ин нохушӣ бошад? Чаро Шоиста то ин маҳал ба ягон ҷо нарафта, дар ҳавлиаш андармон шуда гашт? Ҳезум накафонда, оташ нагиронда чиллаи зимистон бошад ҳам, иму ҷим дар хонаи хунук дарро аз дарун қулф карда шинад намешуд. Бале, дару дарчаҳоро сахт пӯшида, дар даруни хонаи торику хунук наҷунбида мешишт, балки хаткашон ӯро надида гузашта мерафт. Ё... агар дарашро сахт пӯшида, ба ҷое мерафт ҳам, касе ӯро кофта намеёфт. Охир, Шоиста аз рӯзе ки ҷанг сар шудааст, овози дилғашкунандаи ин пирамарди дарбадарро тез-тез мешунавад. Бале, мардум бамавриду бемаврид овози ӯро мешунаванд. Чунки ҳамин овоз гӯё йигитҳоро чида-чида ба ҷанг мебараду баъд онҳо гоҳ маъюбу маҷрӯҳ шуда меоянд ва гоҳ шаҳиду бедарак шуда меравaнд.

Хаткашон авзои гирифтаи Шоистаро лаҳзае аз назар гузаронида истоду варақаро ба вай дароз кард. Гӯё ба вуҷуди Шоиста барқ асар карда бошад, ӯ такон хӯрда, як ба варақ ва як ба хаткашон нигариста ҳайрон монд.

— Ин чӣ?— ниҳоят беҷуръатона пурсид вай аз хаткашон.

— Ин? Ин, ӯҳ-ҳӯ-ӯ,— сурфа кард хаткашон ва чӣ будани онро фаҳмонд.— Ин по-вус-ка.

Дар солҳои ҷанг ҳама чӣ будани повестькаро нағз мефаҳмиданд. Ҳамин ки ба касе чунин хабарнома расид, мебоист ӯ зуд ба комиссариати ҳарбӣ равад ва аз он ҷо, агар сиҳат ва саломат, лоиқи хизмати ҳарбӣ бошад, ба фронт равон шавад. Шоиста ҳоло дар миёни ду оташ монда буд ва гӯё ноаён дуд мекард.

— По-вус-ка?!— ҳаросон пурсид ӯ аз хаткашон. — Не, амакҷон, повускаро ба ман нишон надиҳед. Ман инро намегирам. Ман инро надидаам.— Ва хост хабарномаро ба замин парфтофта гурезад. Хаткашон ӯро ба ҳоли худ монда сӯи дарвозаи дигар рафт.

Шоиста мӯи мошу биринҷи парешонашро панҷа задаю бадтар ғоз дода ва аз баҳри шарму ҳаё гузашта, аз қафои хаткашон чанд сухани носазо гуфт, вале лаҳзае аз байн нагузашта аз кирдораш пушаймон шуд ва пеши роҳи ӯро гирифта, ба лобаю зорӣ даромад:

— Писарамро мононед, амакҷон, агар аз ҷанг намононед, ман девона мешавам. Ҳа, девона мешавам. Як илоҷ кунед, амакҷон, хоки поятон шавам, як кори савоб кунед...

— Повуска як ба писари ту наомадааст, ба ҳама омадагӣ, дасти ман кӯтоҳ, духтарам...

Хабарнома дар дасти Шоиста монд. Ваҳми ҷудоӣ аз писари яккаю ягона Шоистаро мушге зада, ҷо ба ҷо шинонда монд. Пас аз чанде ӯ бо зонуҳои ларзон базӯр аз замин хеста, домани барфолудашро афшонда, ба ҳавлӣ баргашт, вале ҳанӯз бо хотири озурдаю ранҷур худ ба худ мепечид. Ҳама кораш нимкола монд. Оби сатил дар пойгаҳи хона қубба-қубба ях карда дамида буд. Тағора дар гӯшае пур аз ғӯзапӯчоқ ва сабат лим-лим аз пахта меистоданд. Гӯё писараш аз хабарнома аллакай огоҳ гардида, тӯшаашро ба дӯш гирифта, ба миёни ҷанг мерафт ва Шоиста аз қафояш афтону хезон давида гуселаш мекард.

«Ҳой Шоиста,— мегуфт Шоиста гӯё ҳангоми гусел ба худ тасалло дода.— Ҳой Шоиста, далер бош, қомататро бардор, ба писарат фотеҳа деҳ, роҳи сафед орзу кун».

Шаби пеш бо писараш Аминҷон гирди сандалӣ ни-



шаста дукаса кўраки пахта мекашиданд. Сӯҳбати писару модар аҷаб ширин буд. Вақти хоб расид. Модар барои Аминҷон ҷогаҳи хоб густурд. Чун писар ба ҷогаҳ даромад, кўрпа ба қадаш кутоҳӣ кард: кўрпаро ӯ ба пояш кашад, сараш кушода мешуд ва агар ба сараш кашад, пояш кушода мемонд. Аминҷон пагоҳӣ бел гирифта ба бом баромад. Боми хона дар зери пояш ғарсос мезаду деворҳо гўё ки дошт надода мелапиданд. Вай ба қафои хона гуп-гуп барф мепартофт. Чӣ, ҳамин паҳлавон, гавҳари якдонаи Шоиста фардо ҳаволаи ҷанг шавад? Баъди ҷанг Аминҷон кай ва ба кадом ҳол ба хона меояд? Не, модар намегузорад, ки вай ба ҷанг равад.

На дили Шоиста қарор меёфту на ҷонаш ором... Торик шуд. Аз Аминҷон дарак нест. Шоиста худ ба худ оҳу нолакунон барои писараш ҷогаҳ андохт. Боз ҳам ҳарза мегуфт: «Ба доманам туро печонда, шишта ниҳоли ғўза ягона кардагӣ ман. Ба гарданам туро шинонда, ду қад шуда ба доманам пахта чидагӣ ман. Акнун бошад қурбу қудратам намонд. Пас, дастам минбаъд боз ҳам кўтоҳ мешавад? Минбаъд зоғ барин танҳо шуда мемонам? Не! Ман ба колхоз меравам. Вақташ расид, акнун дармони дарди ман шаванд. Агар барои колхоз қадру қимате дошта бошам, бигузор ҷои туро банд кунанд, бачам. Ҳа, ту не, ягон каси калонсол равад.

Дасти умеди Шоиста ба домани колхоз шуд ва ба назараш ферма намудор гашт. Дар воқеъ, молу ҳол чӣ шуда бошад?— пурсид аз худаш.— Мабодо, гуфта намешавад, ягон сараш гум шавад ё гушна монда ҳаром мурад, кӣ ҷавобгар мешавад? Оё писари ман — Аминҷон ҷавобгар намешавад? Бале, Аминҷон коргари ферма! Кори ферма вақту соат надорад. Ба молҳо ему хошок меандозаду мехӯронад, пору мебарораду хору мол мекунад. Ҳамаи ин ба сари як бача. Вай ҳарчанд қаддарозу чусту чолок аст, вале бача — саҳл кам ҳаждаҳсола! Лекин ба кораш ҳушёру чаққон, хусусан дар бозӣ бо хурдсолон устухон надорад.

Шамоли сахт мевазид, ки дарҳои молхона гулдурос зада кушода мешуданд, шамол онҳоро боз шақарос занонда мепӯшонд. Ҳаво ки хунук буд, сагҳо дар таҳи деворҳо кулча зада мехобиданд ва гоҳ-гоҳ танбалона нӯла мекашиданд. Бод чанги барфро мебардошту аз

ҳаво боз ба замин мерехт. Шоиста, ки ба сарбанди калон тамоми сару рӯяшро печонда, ду қабат ҷома пӯшида, ба соқи маҳсиаш барф даромада, то ба ин ҷо базӯр афтону хезон омада буд, худро зуд ба даруни молхона зад. Даруни молхона қадре гарм буд. Ба димоғи вай бӯи нофорами туршию рутубат расид. Сарбандашро аз сар кушода партофт ва ба мӯи парешон ба атроф ҳаросон нигарист. Дар шаби торик ва молхонаи бекас сутунҳо одами дамдузд барин қад мекашиданд ва аз ҳар тараф хаш-хаш нафаскашии молҳо шунида мешуд. Шоиста аввал ба ҷои аспи саманд рафт, ки Аминҷон омада, аспашро ба охур баста бошад, вале мехи саманд холӣ буд. «Ҳоло саманд дар куҷо бошад?— худ аз худ пурсид Шоиста.— Соҳибаш, чӣ?... Онҳо ба қавли баъзеҳо «экизак» анд-ку, аз ҳамдигар ҷудо намешаванд».

Ҳа, саманду Аминҷоп дар ҳақиқат ҳам экизак буданд. Асп овози Аминҷонро ки шунид, шиҳа мекашид. Аминҷонро аз ҳар фалокати ногаҳонӣ наҷот медод, агар соҳибаш дар саҳро хоб кунад, дар сараш меистоду агар дар ҷое шиштаю банд шуда монад, дар атрофаш давр зада мегашт. Ҳозир онҳо дар куҷо бошанд? Молҳои гурусна баос мезаданду дасту домани Шоистаро мелесиданд. Таги аспро тоза карда, ба охурҳо чанд чангол пахол андохт. Баъди ҳамаи ин сӯи идораи колхоз тохт. Аммо идораи колхоз ҳам холию хилват набуд. Шоиста дари кабинети раисро кушода сар ба дарун даровардан ҳамоно, ҳис кард, ки касе наменамояд, худашро ба қафо кашид. Даст ба гиребон бурда, дар ҳайрат шуд, ки чаро ба ин ҷо омад? Ба умеди чӣ? Чаро худро дар ҳама ҷо, ба ҳар кас нишон дода мегардад? Ҳамон замон ба саҳни ҳавлӣ баромада, дар қафои бед панаҳ шуда истод. Идораи колхоз гӯё дар зери бори гарони ғам фурӯ рафта буд. Таҳ-таҳи девор кампирҳои маъсума даст ба остин зада, сар-сари сангҳо менишастанд ва пирамардон гӯшҳои телпакҳояшонро аз таҳи манаҳ баста, ба деворҳо такья карда маъюс ва малул меистоданд. Хотири ҳама парешон буд. Ҳамин дам хаткашон сурфакунон пайдо шуд, ки авзояш беҷоюю вайрон менамуд. Хаткашон кӯтоҳ-кӯтоҳ сурфа карда, кампиру пирамардонро аз назар гузаронд ва гӯё аз ҷониби раиси колхоз бо чашмони гирьён маъзарат хост.

— Ҳар зоғеву як доғе, рафиқон. Интизори раис нашавед. Қаноти вай ҳам шикаст. Домодаш мурдааст. Духтараш сиёҳ пӯшид.

Пиразанон «вой» гуфта, мушт ба сари зону заданд, чашмони пирамардон бадхашмона дурахшиданд. Як алами Шоиста сад алам шуд.

Шоиста ноумедона пас гашт. «Раис ҳам нашуд. Пас, чӣ бояд кард, Шоиста? Ба доди ту боз кӣ мерасад? Идораи ҳарбиён? Оре, худи худаш. Военком! Вақти азон назди военком меравӣ. Рӯ ба останааш мемолию повускаро ба рӯи столаш мемонӣ. Маҷбур аз рӯи ноилоҷӣ илтиҷо мекунӣ. Писаратро як моҳакак доронанд, ҳеҷ набошад — як ҳафта. Як ҳафта ҳам хеле вақт, шояд дар як ҳафта ҷанг тамом шавад. Агар ҷанг тамом шаваду писарат аз фронт монад, э кошкӣ?!.»

Ниҳоят Шоиста ба хона расид. Вай ҳоло дар хона бошад ҳам, ҳушу хаёлаш ба берун буд. Беқарор ба дару дарича менигарист. Садоеро шунавад, ҷаста берун мебаромаду ҳама ҷоро дидаю хабар гирифта бармегашт. Акнун фикрҳояш ба ҳам печидаю чигил шуда буданд. Дар пеши назари ӯ гоҳ манзараҳои даҳшатангези майдони ҷанг ҷилвагар мешуданд, гоҳ туткатору трактору барзаговҳо. Баъзан Аминҷонро дар миёни дудғулаи танку тӯпҳои супсурхгашта ҳайрону сарсон медид. Ҳатто як дафъа ба назари ӯ чунин намуд, ки душман аз камине ӯро ба нишон мегирад. Шоиста бо тарсу ҳарос аз дасти писараш кашида ба қафои худ гурезонд, ӯро бо доман панаҳ кард ва худ сипари ҷонаш шуда, ба душман ҳамла овард...

«Набиё, имшабу имрӯз наой беҳтар. Кӯҳ ба кӯҳ гаштанат авло, писарҷон. Як соат дер ой, ягон ҳафта аз ҷанг мемонӣ. Як ҳафта як сол шавад-э. Дар ин мобайн аҷаб не толеат лаб занаду ба аскарҳо ҷавоб диҳанд. Оре, аҷаб не, ки ҳамин тавр шавад. Хайрият, ки ҳозир ту нестӣ. Аз даъватнома бехабарӣ. Беҳтар аст, ки инро нафаҳмӣ. Агар фаҳмӣ... ту густохӣ, якраҳа ту, гапнодаро. Агар фаҳмӣ, будагӣ гап, меранҷӣ. Меранҷию аз дасти ман меқапӣ ва ба хона мегардонӣ. Рӯякат гарм, аз рӯи ту гузаштан маҳол. Мон, ки тақдиратро худам ҳал кунам. Ту куҷою ҷанг куҷо, бачам?!»

Пардаи шаб бардошта мешуду Шоиста ҳамоно вазнин ва карахт буд. Вай пурандӯҳ шуда, қад-қади ҳав-

лӣ гашту ба кӯча баромада натавонист. Аз миёни ҳавлӣ ҳавзи калони маҳалла, ки атрофаш садазор буд, намуда меистод. Ҳавз-ҳавз нею гӯё бозори бача буд. Аз он ҷо гоҳ-гоҳ ҳаёҳуи бачаҳо ба гӯш мерасид. Бачаҳо худро ба об мепартофтанду афтону хезон аз он канори ҳавз мебаромаданд. Баъзан занони обкаш ба китф намоён мешуданд. Шоиста онҳоро медиду худро даррав ба панаҳ мезад.

«Оре, ба лаби ҳавз наравам, беҳтар. Равам агар бегумон, дармемонам. Охир, занҳо кунҷкованд, гап мекобанд. Ҳозир ҳама аламзада. Айбҷӯю эродгир бисьёр шудагӣ...»

Шоиста гӯё аз занони маҳалла дамхӯру забонкӯтоҳ шуда буд. Ба гумонаш ба назари ҳама бад менамуд. Шоиста намехост, ки ҳар кас фаҳмидаю нафаҳмида ба вай писханд занад.

Шоиста ҳар сафар ҳангоми гусели аскарон дамдузд мешуд, хилват меҷуст, вале дар хилват ба касе нанамуда гардад ҳам, дилаш-чун барги бед меларзид. Бинобар ин наметавонист, ки аз онҳо ҳолу аҳвол пурсад, ба гумонаш бо ин кораш ба болои сӯхта намакоб мерехт. Вай гӯё аз чеҳраи ҳамаи занон як савол мехонд. Занон гӯё ӯро миёнагир карда мепурсиданд:

«Кунҷковӣ накарда, ту, Шоиста аз ҳолу аҳволи худат гап зан. Аҳволат чӣ хел? Ту киро ба ҷанг додӣ? А, киҳоро фиристодӣ? Писарат ҳамин ҷо-ку?» Албатта, чунин суханон аз мағзи ҷони Шоиста гузашта мерафт.

Ҳамон бегоҳ барфи лак-лакӣ борид, Аминҷон бояд ҳамин шаб меомад. Аммо имшаб ҳам даракаш нашуд. Аз раҳпоӣ кӯки чашми Шоиста канд. Вай бо дили ғаш гоҳ сурати девор шуда ва гоҳ ба болини қоқ такья карда, рӯзҳои ҷудоӣ ва ҳиҷронро ки бешак, дар оянда насибааш мегардад, ба пеши назар меовард...

Сангпул! Роҳи Сангпул лаб-лаби сой печутоб хӯрда мегузарад. Дар як тараф шаххҳои бадҳайбат чун роҳзанон қад кашидаанд, лаҳза ба лаҳза шамол хӯрдаю мавҷ зада, сангу шағали ёнаҳоро мепаронад. Ҳар гардишгоҳ дар тангноe мепечад, ҳар чакалак гургхонаро мемонад. Бегоҳиҳо паррандагон нӯгҳои сафедоронро мехамонанд. Оби сой шабу рӯз шалдарос мезанад. Исту бисти ин роҳ фалокат. Дар гузашта якеро асп бардошта ва аспсавор ба шаршара сарнагун шуда,

чархи аробаи дигаре канда шуда, сеюмӣ аз он ҷо аз тарсу ҳарос безабон шуда баргашта буданд. Ҳоло тӯфон дар дараи Сангпул ба хурӯш омадааст. Роҳи каҷу килеби дараро абру туман фаро гирифта ва барф тангноро дучанд тангтар кардааст. Агар роҳи барфолуд лағжонак бошад, аспи бенаъл на ба пеш рафта метавонаду на ба қафо гашта.

Шоиста ин манзараҳоро тасаввур мекарду дилаш ваҳм кашида ба тахтапушташ рафта мечаспид. «Як фалокат рӯй надиҳад, дуруст,» — мегуфт Шоиста дар дили худ.

Поси шаб вай маҳсии дар барфу лой намкашидаи худро ба тахтаи сандалӣ гузошта, ба ғанаб рафт. Дами ғанаб қарор дод, ки фардо ба Сангпул меравад. Ҳа, ба военкомат не, беҳтараш, ки ба Сангпул меравад...

Шоистаи беҳолу мадоргаштаро шиҳаи асп аз ҷогаҳ бардошт. Вай даставвал нафаҳмид, ки чӣ кору ҳоле шудааст. Баъд қадре ба худ омада, ба рӯи ҳавлӣ баромад. Аккаҳои гурусна дар ҷустуҷӯи дон рӯи ҳавлӣ ҳаллос мекарданд. Воиши ток ба як тараф хамида, гурӯҳҳои анор тӯбҳои пахта барин сафед метофтанд. Шамоли боло ҳуштаккашон мегузашт. Шоиста оғилу майдон ва қафои деворҳоро кофта баромад. Ҳамааш бефоида. На сояву на садое. Дили ӯро акнун гургон мехӯрданд.

— Аминҷон, ту куҷоӣ, садо кун, бачам, ту куҷоӣ?... — ҳаросон фарьёд мезад.

Асп, ки дар таҳи собот буд, дар ҷавоби ӯ бинӣ афшонд. Саманд омадааст! Саманд? Аммо Шоиста онро қариб нашинохт. Коҳида пӯсту устухон шудааст, зертангаш халта, худи асп мекалавад. Гӯшҳояш овезону лаҷом дар гарданаш. Шоиста додгӯён ба пеши Саманд омад ва ба сару рӯи он даст задан гирифт:

— Соҳибат канӣ, Саманд? Соҳиби навқиронат куҷо шуд? Аминҷон дар куҷо монд? Гап зан, ҳайвони безабон, ту ӯро ғалтондӣ? Партофта омадӣ? Аробаро чаппа кардӣ магар? Писарамро куштӣ?

Шоиста ин дам самандро чашми дидан надошт. Асп ба ҳоли табоҳу дили пуроҳ чӣ ҷавоб диҳад? Бо чашмони хилмбаста мутеъона ба Шоиста нигоҳ карда истоду тоқаташ тоқ шуд магар, ки сар ба охӯри холӣ андохт.

Шоиста чакмани қуткандаи шавҳари марҳумашро ба китф партофту ба кӯча баромад. Пастӣ куҷою ба-

ландӣ куҷо намедид, ба пешу қафо нигоҳ накарда медавид. Калӯшаш калон буду маҳсиаш фарсуда. Қадам ба қадам калӯш аз пояш меафтид. Вай рӯи рангзардобу пуроҷингашро мекушоду шамол нӯгҳои сарбандашро титкунон боз мепӯшид. Шоиста додгӯён мерафту мехост, ки ҳамсояҳояш ғун шаванд, аз пеши роҳаш баромада ҳолу аҳволи ӯро пурсанд. Вале касе намебаромад, ки дилбардорӣ кунад. Гӯё ҳама аз Шоиста рӯй тофта буданд. «Повускаро ба кӣ супорам?» — навҳа мекашид вай онро ғиҷим кардаву пеши чашм оварда. Бо чунин доду фарьёд ба охири кӯча расида буд, ки боз пирамарди хаткашон рӯ ба рӯ омад. Шоиста фурсате ҳайрон ва тахта барин шах шуда истод. Хаткашон бошад, бемалол роҳ дода, дақиқае таваққуф намуд.

— Ҳа, чи гап шуд, духтарам? Куҷо меравӣ? Тинҷӣ?

— Писарам,— нафасаш ба дарун ғалтида ва овозаш ларзида ҷавоб дод Шоиста.— Писарам нест, аспаш омад, аммо худаш бенишон. Маро адо кард...

Пирамард лабханд заду сулфид.

— Гум нагӯй духтарам, писари ту гум не, вай ҳамин ҷо. Ҳа, ақлу ҳуш дорад, гум намешавад. Ба юнучқазор рав. Ҳа, ба бедапоя...

Шоиста лаҳзае бовар накард, ба рӯи хаткашон какпак нигоҳ карда истоду ошӯби дилаш паст шуд ва ба худ омада:

— Раҳмат, амакҷон, — гуфт ва гӯё аз шодӣ ба куртааш намеғунҷида бошад, бо сари баланд рӯ ба ҷониби юнучқазор тохт.

Дар юнучқазори барфпӯшида, ки баҳорон ҷои чиллакбозию тӯббозии бачаҳо мешуд, ҳоло се-чор бача афтону хезон бо биниҳои аз хунукӣ сурхшуда дар атрофи Аминҷон тохту тоз дошт. Аминҷони бепарвои олам чӯбчилла ба даст, гоҳ ин тараф ҳаллос карда ва гоҳ ба он тараф ҷаҳида, риштаи бодбаракро мекашиду таранг карда боз сар медод. Сурфа барин бодбарак дар авҷи осмон ғиззӣ-ғиззӣ шох зада, гоҳ паст мефаромаду гоҳ паҳлӯ рафта, боз ҳаво мегирифт, чарх мезаду думашро ликконда боз ба осмон меҷаҳид. Бодбаракаш садоҳои ларзон мебаровард. Шоиста сари марза истода, ба кори писараш зеҳн монд ва зонуҳояш дарак-дарак ларзида, беҳолу мадор шуда, дар таҳи бед

сари ду по нишаст. Лаб газида, сар ҷунбонда, Аминҷонро чеғ задан гирифт.

— Ҳой бачем, ҳой ҷони оча!.. Аминҷон!..

Аминҷон тоб хӯрда модарашро диду чӯбчилларо ба замин партофт ва ба тарафи вай тохт. Калонтари бачаҳо бепарво аз аҳволи Шоиста чӯбчилларо бардошта, бодбаракро боз ба ихтиёраш сар додан гирифт. Аминҷон, ки ҷомаи тунук пӯшида ва гиребонаш яла буд, гӯшҳои суп-сурхашро молида, хиҷолат кашида, ба назди модараш омад.

— Эҳ, мебахшед, очаҷон, салом...

Шоиста ҳой-ҳой гирист.

— Ту? Ту зиндаӣ?.. Ту маро хавотир кардӣ. Дили ман зимистон асту дили ту баҳор будааст. Э беақл-е, туро кофта гаштаанд.

Аминҷон, ки аз ҳама бохабар буд, оҳиста аз бағали модараш бардошта хезонд ва бо овози нарму узрхоҳона:

— Ман медонам, — гуфт, — ҳамин шаб рафта будам. Қиссаи повускаро муфассал нақл карда доданд. Фардо гусел мешавем. Ҳа, фардо ба ҷанг меравем.— Аминҷон гап мезаду дасту по мехӯрд, чунон ки аз модараш дамхӯр ва гунаҳкор бошад.— Саҳарӣ ба ҳавлӣ рафта будам,— илова кард ӯ.— Масти хоб будед, дилам нашуд, ки бедор кунам. Ин бачаҳо тавалло карданд. Бодбаракро як бор паронда диҳед, гуфтанд. Не, гуфта натавонистам. — Аминҷон бори дигар ба бодбарак нигарист, ки баланд-баланд ҳаво мегирифт. Осмонро офтоби саҳарӣ мунаввар месохт,

Шоиста ҷон мегирифт. Вай, ки ба писараш такья карда мерафт, хотираш андак ҷамъ гашта, баногоҳ хандид, лекин ханда ҳамоно аз лабаш гурехт.

## ШУКРИ ИМРӮЗ

— Апаҷон,— аз доманам дошта нимхез шуд Ҷаҳонтоб, — апаҷон...

— Ҳа, ҷони апа! Апа нагуфта гап задан гир. Чӣ мехоҳӣ, укоҷон?— Ҷаҳонтоби хурдакакро аз замин

бардошта, хоки пуштаро афшонда ба сари зонувонам гирифтам.— Чӣ мехоҳӣ?

— Ягон чиз те...

— Чӣ-ӣ?

— Нон...

Пушаймон шудам, ки мани содда чаро хости дили вайро пурсидам. Ба ҷои ин ба бозӣ овора карда, монда гурезаму ба назараш нанамоям, беҳтар буд.

— Нон? Нон дар нондон, калидаш дар осмон, — Ин ҷавоби киноядори маро, аз афташ, Фаттоҳҷон ҳам нафаҳмид, ки ҳуши вай ҳам ба як луқма нон рафта, даррав аз баҳри бозӣ баромаду худро гурба барин ба китфам совид.

— Ман ҳам гурусна, апаҷон.

Хориам омад. Шиками худам ҳам, ба қавли модарам, танбӯр менавохт. Ҳис кардам, ки ҳозир дар назди ин бачаҳо сустию раҳмдилӣ кунам, ҳарду домани гирьяро сар медиҳанду маро тала мекунанд. Коре кардан даркор, ки ба онҳо сахт расад ҳам, фақат овоз набароранд.

— Гурусна бошед, ман чӣ кор кунам? Ман нон нестам, ки худамро тақсим карда диҳам...

Онҳо ҳарчанд хурданд, таги гапро мефаҳманд. Ҷаҳонтоб пушти даст газида, оҳиста аз бағалам фуромад. Фаттоҳҷон, ки мӯямро сахт ғиҷим ва кашола мекард, сар дода аз дасти Ҷаҳонтоб кашид ва ба ҷои бозӣ бурд. Баъди дур шудани онҳо худдорӣ карда натавониста гиристам. Косаи чашмам шикаст магар, ки ашки сӯзон ба сари зонуям чакидан гирифт. Комила, ки аз тарафи майдон чизе хоида ба ҷониби мо меомад, маро дида ҳайрон шуд.

— Ҳа, чаро миҷ-миҷ гирья мекунӣ?— аз дур пурсид ӯ, дурраи фарангашро саҳле ба пешонӣ фуроварда. Худи мазоҳ кардагӣ барин механдид, ки ғашам омад. Бо алам ҷавоб додам:

— Худат медонӣ, ки дар ин шабу рӯз одам барои чӣ гирья мекунад?

Ҷавоби ин савол барояш малол омад, гашта рафт. Аҷаб кард, ки рафт. Агар укоҳоям даҳони ҷунбони ӯро бинанд, бадтар гурусна мемонанд.

Бачаҳо ба суфаи лаби ҳавзча рафта, ғибир-ғибир гапзанон овораи бозӣ шуданд. Бозӣ?! Ман ҳанӯз хурдсол бошам ҳам, одамони калонсол барин аз ду чиз ме-

ранҷам: аз бозӣ ва аз ҷанг! Ҳамин бозиҳои ошпазиву нонпазиро кадом одам, кадом вақт хаёл карда ёфта бошад? Аз лой ноне созӣ, шикамат дарров гурусна мемонад ва ба пешӣ назарат нони гарми аз танӯр канда менамояд: аз хоки замин шавла пазӣ, дил дарров ба оши палави серравған гум мезанад. Ин ҷиҳати бозиҳо ганда. Лекин чиҳатҳои нағз ҳам доранд ин бозиҳо Хусусан ҳозир, дар вақти ҷанг, барои мо барин бачаҳо ин бозиҳо аз бозиҳои дигар шавқовар менамоянд. Ба хоколуд шудани сару рӯй, лойолуд шудани куртачаю эзорчаҳо нигоҳ накарда, ҳамин ки вақти холӣ ёфтем, ба лаби ҳавзча медавем.

Лекин модарам мегӯяд, ки бозӣ ба эбаш-дия, бачаҷонҳо, бозии бисьёр охир хафа мекунад. Гапаш рост. Ана имрӯз тасдиқ шуд. Модарам пагоҳӣ таги сурфаро тарошида аз гарди орду ғурӯшаҳои шахшудамондаи хамири кӯҳна ду кафлес атола ба мо хӯронда, худ ба кор шитофт. Ман дегу табақро шуста шуда бинам, ки укоҳоям дар лаби сурфа: яке хок тӯб мекунаду дигаре сурфа мекушояд.

«Ман хамийй мегиям», — мегуфт Ҷаҳонтоб бинӣ кашида.

«Ман ба танӯй оташ мемонам», — мегуфт Фаттоҳҷон ҳарфи «р»-ро ба «й» бадал карда ва эзорчаи фаромадаашро бо як даст бардошта.

Вай ба танӯрчаи гилӣ хасу ҳезумчаҳо мегузошт.

Завқ карда хандида, ба наздашон рафтам, Ҷаҳонтоб аз ҷой қадре ғеҷида аз паҳлуяш барои ман ҷо дод. Ман зуволаи лойхамири ӯро калонтар карда гуфтам: «Кирои оворагӣ нонҳои калон паздия».

«Ҳа, нонамон бисьёр шавад, ба ҳамсояҳо медиҳем», — дарров маслиҳат дод Фаттоҳҷон. Вай ба мо обу аз хок намак ҳам оварда дод. Ҳарсе ба обу арақ ғӯтида «нон» сохтем.

«Ана, ин зағораи пиёздор».— гуфт Ҷаҳонтоб.

«Ман фатийи ҷаззадоя нағж мебинам» — аз кораш хурсанд мад кашид Фаттоҳҷон.

Нонҳоро тунук карда, ба рӯяшон аз хок сиёҳдонаю тухми кунҷит пошида нонпар зада, ба танӯри лойин часпондем. Нонҳои лола барин суп-сурхро канда ба сабатчаҳо андохтем. Акнун барои мазза карда хӯрдан ҳамагӣ як коса оби ҷӯй даркор буд. Агар нони мо нони ҳақиқӣ мешуд, ёфтани об ҳеҷ гап набуд. Укоҳоям са-

ри сабат шиштанд. Ман бошам, ба ин хорӣ дошт наоварда, гурехтам.

Дидед, ин хел бозӣ аз як тараф нағз бошад, аз ҷиҳати дигар дилхарош аст. Нағзиаш ҳамин ки вақт мегузарад, дасти бача ба пухту паз одат мекунад. Дар ин оворагиҳо мо барин бачаҳо на танҳо ғами худ, балки ғами паррандаю молу ҳолро мехӯрем, ғаллакорию боғдориро меомӯзем. Мо, бачаҳо, ба мисли калонсолон дар саҳро ҷуфт ронда, ғалла кошта натавонем, чӣ кор кунем? Дар лаби суфачаҳо, лаби ҷӯйбор, миёни хоктӯдаҳо бо чӯбу корду тешачаҳо замин меронем, сонӣ марза мегирем, баъди он ҳар хел тухмӣ мепошем. Майсаи ҳамин «гандумҳо»-и коштаи моро ҳеҷ набошад бузичаҳо мехӯранд, донаш ба мусичаҳо мерасад. Донаҳои рехтаашро ҳеҷ набошад, мӯру малах мекашонанд.

Аз афт, аз мақсади ниҳонии мо ҷонварон беҳтар бохабар мешаванд, ки ба сари дегчаи лой пораи гӯшти чӯбин гузорем ҳам, пишакча думашро каҷ карда омада худро ба пои одам месовад, кучукча гӯё рашк бурда, даррав аккос мезанад ва ба сари каҷ ба сабати нон менигарад. Хайр, ҳеҷ қисса не, ҳозир, ки дар сурфаи хона чизе намондааст, хокбозию лойбозӣ карда рӯз гузаронем, охир як гап мешудагист. Ба қавли модарам, намурем шуд. Модарам мегӯяд, ки нону ошпазия ҳар қадар хуб ёд гирӣ, ҳамон қадар нағзӣ дорад, чунки имсол набошад, соли дигар орду ғалла фаровон мешавад. Ана сонӣ ошу нона чун пазандаҳои калонсол ҳаққонӣ нағз мепазӣ. Кошкӣ ҳамон рӯзҳо тезтар меомаданд! Агар он серию пурӣ фардо нею худи ҳамин рӯз меомад, мо ҷон-ҷон мегуфтем. Агар худи ҳамин рӯз халтаҳо пур аз ғалла, чалакҳо аз гӯшту равған лаб-лаб мешуд, падар дар ҳалқаи ҷанг ва модар дар кори колхоз банд бошанд ҳам, худамон насӯзондаю нарезонда мепухтему дар борхалтаю кӯзаҳо андохта, барои модарам то сари замин мебурдем, ба қуттичаҳо ҷо карда, бо ёрии почтахона ба фронт мефиристодем. Афсӯс, ки ин чизҳо нестанд. Набошад чӣ илоҷ? Қаноат кардан даркор, лекин инро фақат ман мефаҳмам, ин Ҷаҳончаю Фаттоҳча ҳеҷ ба калла намегиранд.

Ман дар синфи се мехонам. Ҳа, ин даҳонкалонӣ не, балки иқрор ба айби худам аст. Ман дар хониш расо як сол қафо мондаам. Дугонаҳои ҳамсолам дар син-



фи чор мехонанд, ана вай Комила дар синфи панҷ. Барои чӣ дар синф мондаам? Сабабгораш ана ҳамин Ҷаҳонча. Падарам рӯзи хайрбод Фаттоҳҷаро ба гарданашон савор карда ва аз дасти хурдакаки ман дошта, то сари роҳи калон насиҳат карда рафта буданд. Он вақт Ҷаҳонча набуд, не хато шуд: буду лекин дар шиками модарам буд. Рӯзи зоида шудани Ҷаҳонча аз шодӣ ба куртаам нағунҷида, дак-дак ҳалос мезадам, лекин дертар шодиҳоям аз биниӣ баромад. Ин айби кист? Айби модар? Айби кор? Айби худам? Ба хаёлам, фақат худам гунаҳкор. Аз рӯзи аввали зоида шуданаш дар гирди сари вай парвона шудам, то худи ҳозир парвона. Боз эҳ-э, то ман ҳастаму Ҷаҳон, парвона мешавам? Лекин ин Ҷаҳонча маро бисьёр сарсон кард. Устухонаш шах ва ман барин калон шавад, кӣ медонад, ӯ маро писанд мекунад ё не? Хайр, аввал қоматашро рост карда хонандаи синфи се ё чор шавад, сонӣ салом медиҳам. Ба қавли модарам, ҳоли некӣ мекунаму ба дарьё меандозам. Ҳа, то аз ҷанг сиҳат ва саломат гашта омадани падар азоб кашам ҳам, дандон ба дандон монда, онҳоро калон кардан мегирам. Ман калон накунам, кӣ калон мекунад, охир? Модарам? Модарам ман барин духтаркалон дошта, ба кор набаромада дар хона бо мо овора шуда шинанд, айб намешавад магар? Албатта, айб мешавад! Ин фикрҳо, рости гап, соли аввали зоида шудани Ҷаҳонча пайдо шуда буданд. Барои он ки модар дар хона ӯро бемалол макконда шинад, ман номаълум каландачаро бардошта, ба саҳрои колхоз баромадам. Ба як това даромада базӯр-базӯр замини пахта каланд кардам. Болои ҳамин як холем пайдо шуда, ба пешу қафои корам нигоҳ ва сару рӯямро сила карда гуфт:

«Ин корро мон, давида ба хона рав. Ҷаҳон гирья мекунад».

Ба гапаш даромада, пойлуч ба хона тохтам. Лекин гапи хола дурӯғ будааст: бегоҳӣ худаш каландчаро бардошта ба ҳавлӣ омаду ба модарам пичиррос зада гуфт, ки «Алаф гумон карда, ниҳоли ғӯзаро каланд мезад».

Он вақт, ки пушти дар истода гӯш мекардам, хиҷолат кашидам, замин накафид, ки дароям. Ба хулоса омадам, ки кори колхоз ҳунари ман набудааст.

Рӯзи дигар дар байни ману модарам чунин гуфтугӯ сурат гирифт.

«Ҷаҳончаро бо ман мону ба кор рав, очаҷон...»

«Гирья карда туро азоб медиҳад»,

«Гирья кунад, дарров мебардораму назди ту мебарам, макконӣ боз бардошта меорам».

«Не, меғалтонӣ».

Ғалтонаму гирья кунад, рафта туро аз кор меорам».

Намедонам, модарам ба ман гапи дигар наёфт ё дилаш ба кор ғаш кард, ки ба саҳро баромад. Як пои бечора дар саҳро, пои дигар дар хона бошад ҳам, мо ду кас ба як илоҷ ду кӯдакро, ба қавле, гурба барин газида эҳтиёт мекунем.

Модарам, дар як даст Ҷаҳончаю дар дасти дигар Фаттоҳ, маро ба синфи як бурда монд. Дар синф шишта овози муаллимро шунида ва ҳатту ҳаракатро тамошо кардан аҷоиб буд, лекин ҳамту бошад ҳам, ман гоҳе муаллиму дарсҳоро фаромӯш карда, диққӣ аз ҷо мехестам, чунки овози гирьяи Ҷаҳон аз куҷое мерасид. Он вақтҳо модарам бачаҳоро ба яслии саҳро бурда мемонд. Мудири яслӣ белинчакҳоро салқин шавад гуфта, ба тутқатори лаби ҷӯй мебаст ва рӯи оби ҷӯй алла гуфта, алвонҷ дода мешишт. Бачаҳо бедор шуда гирья кунанд, салқин гуфта, ба ҷои нам мешинонд. Ба бачаҳо ҳур-ҳур шамол мезад. Шабе Ҷаҳонча таб баровард. Биниаш руст шуд ва гулӯяш варам кард. Пас ман бо кадом дил хотирҷамъ шавам? Муаллим кофта меомад. Бо сари хам мерафтам, аммо танаффус ки шуд, маро кофта аз мактаб намеёфтанд. Беақл буданамро дар соли чорум фаҳмидам, Чунки маро дар синфам мононданд. Дигарон чорум шуданд. Шарм доштаму алам кашидам. Вале чӣ илоҷ?! Ба ҳар ҳол дар мактаб ганда намоям ҳам, Ҷаҳончаро тетапоя кардам. Лекин қаҳраш ояд, Ҷаҳонча ба даҳону биниам чанг мезад, хаёл намекунад, ки ман ҳам ҷон дорам, ҷони ман ҳам дард мекунад. Раҳм карда, ман ӯро сарлучу пойлуч ҳайдав намемонам. Эрка ки шуд, амрашро гузарондан мехоҳад. Хайр, ноз кунад болои чашм, саломат бошад! Лекин ҳозир шиками вайро чӣ хел сер кунам? Ягон чизи хӯрданӣ нест. Медонед, ягон чиз нест!

Маънии «нон дар нондон, калидаш дар осмон» ҳамин аст, ки нон нест. Чи шуду нашуд, ки ду соли охир ҳама ҷо қаҳтию қиматӣ. Ба қавли модарам, дастмояи

зиндагӣ ба ғалтак расид. На фақат мо, ҳама гурусна, имрӯз хӯрданӣ ёбад, намедонад фардо чӣ мехӯрад. Модарам мегӯяд, ки ҳаво ду сол боз ноқулай меояд. Сармои зимистон майсаи гандуму ҷавро мезанад. Ба болои сӯхта намакоб гуфтагӣ барин, кирму малах чунон бисьёр шуд, ки тамоми дони хӯшаи ҷаву гандумро хомохом мемакад, барги тутро ки ғизои кирми пилла аст, мехӯрад. Инак, бачаҳо ба танаи дарахтони тут бо белчаҳо шилм мемоланд, дар воти ғаллазорҳо бо ҷорӯб малах зада, онро ба чуқуриҳо ҳай карда мекушанд. Гоҳ-гоҳ аз киштзорҳо хӯша мечинанд. Хӯшачинӣ! Дони хӯша ризқу рӯзии хуб аст. Ман ҳам кадом ҳафта Ҷаҳончаро бардошта ва Фаттоҳчаро кашола карда ба воти ҷавзори Чашма рафтам. Аз роҳи калон то воти Ҷавзор қабати хору шӯра пур аз малах шудааст. Қадаме гузоштед, малах аз сатил об пошидагӣ барин, гурӣ-гурӣ ба чор тараф мепарад, ки ҳар кадом мисли як лелаи калон аст. Малах дони хӯшаи ҷавро хомхом макида, пуч карда будааст, ки даравгарон пояҳои холиро даст нарасонда монда рафтаанд. Ҳамон вақт аз даруни ҷӯи хушк, ки рӯяшро алаф руст карда буд, Комилаи сарлучи линга ба даст чун фаришта пайдо шуд. Дурраи фаранги рангкандаи модарашро мебаст. Ҳоло он ба хорбутта андармон ва хасолуд шуда овезон меистод. Комила ба тарафи кӯча нигоҳ карда, фарьёд зад:

«Ҳой, тарсончак, ин ҷо биё. Духтар барин аз чӣ метарсӣ?»

Ман тоб хӯрда Сӯфиҷонро дидам, ки лингае зери каш гирифта, беҷуръат ба тарафи ҷавпал менигарист. Гапи Комила ба ӯ таъсир кард магар, ки ба наздамон омада истод.

«Рафтем,— гуфт Комила аз банди дасти Сӯфиҷон кашида.— Пеш даро! Ту ҳам, Мисқол, қафо намон.— Вай маро ҳам кашола кард.— Хӯша мечинем, хӯша».

Ҷавро чанд рӯз пеш колхозчиҳо даравида, банд баста дар миёни киштзор ғарам зада монда, рафта буданд.

«Аз куҷо мечинем?»— дар роҳ истода пурсид Сӯфиҷон.

«Аз осмон не, аз замин, аз таги по. Хӯша ба замин яксон шудагӣ. Мо начинем, бекор мӯру малах мехӯрад». — Лабаш ба лабаш нарасида ҷавоб дод Комила

ва дурраи фарангро ба сар таранг баста, пеш даромад.

Аз суханони вай ман ҳам хурсанд шудам. Хаёл кардам, ки агар аз замин чинем, дар як соат ду-се даста мешавад. Ба хона меораму дар уғурча мекӯбам, ягон коса дон мешавад. Лекин чашмам ба Ҷаҳонча афтиду хавф кашида гуфтам:

«Ман намеравам, укои ман гирья мекунад».

«Гирья намекунад, рӯи алаф шинонда мон,— гуфт Комила.— Мулоим, ғел зада мехобад».

«Ҳа, йост, мо божи кайда мешинем,— гуфт Фаттоҳча сухани ӯро қувват дода.— Ту яфтан гий».

Ҷаҳончаро рӯи алаф шинонда, доманро ғундоштаму аз рӯи хорбуттаҳо ҳаллос зада гузашта, ба ҷавзор даромадам. Дар ҳар қадам як-ду сараки ҷав рехта буд. Хӯшаҳо, хусусан дар таҳи пахолу хас ва дар даҳони мушхона бисьёр буданд. Чашмонам аз шодӣ медурахшиданду дилам ғаш мекард, аммо сар набардошта мечидам, ки овози гиряи Ҷаҳонча ба гӯш расид. Баъди ман Фаттоҳча ҳам аз вот гузашта, сараки даруни латтахорро мекандааст, ки лонаи занбӯр вайрон шудааст. Занбӯре биничаи Ҷаҳонро газидааст, ки вай рӯи алаф ғелида дасту по мезад. Саросема хӯшаҳоро бағал карда мебаромадам, ки:

«Гурез, мурдӣ, гурез!» — гуфтани Сӯфиҷонро шунидам.

Сӯфиҷон, ним халта хӯша дар даст, сарашро хам карда дуқат шуда мебаромад. Аз дунболаш Комила як лингаи вазнинро кашола карда меомад. Онҳо худро пешу қафо ба даруни ҷӯи хушк партофтанд. Аз дур амаки Қодир-чулоқ аспакӣ меомад. Ранги рӯи Фаттоҳча пахта барин канда ва рӯи Ҷаҳонча шалғам барин сурх шуда буд. Ман онҳоро бардошта ба ҷое гурехта panaҳ шуда наметавонистам. Амак бо даҳшату ваҳшат меомад, ки ноилоҷ ҷо ба ҷо нишаста, сари укоҳоямро ба бағал кашида руст кардам. Қодир-чӯлоқ расида омад. Аспро дар сари мо дошта оҳ кашид, пешониашро пок кард ва аз ғазаб фаромадагӣ барин:

«Ҳа, чаро дар офтоби сӯзон меларзед?» — гуфта пурсид.

Мо аз ваҳму ҳарос меларзидем.

«Ҳамту бозӣ карда гаштаем, амакҷон, чӣ кор кунем?» — пурсидам ба чашми вай нигоҳ карда натавониста.

«Чи-й? Дар даруни хорзору занбӯрхона бозӣ мекунӣ ё дуздӣ?»

«Ман, амакҷон, аз замин чидам».

«Аз замин чидӣ? Сараки бандҳоро кӣ шикаста ба линга зер кард? Кадомат бандаш катӣ кашола карда гурехтӣ?» — амак гоҳ ба ману гоҳ ба Фаттоҳҷон нигариста медид, ки дасти мо холист, дигар дӯғ зада наметавонист. Фаттоҳҷон нохост ба даруни заҳбури алафпӯш нигаристу лаб газид. Асп ҳам ба ҳамон тараф нигаристу гардан ёзонда, гӯшашро сих карда, безобита шуд. Сӯфиҷону Комила дар он ҷо сар ба қабати хасу хошок руст карда мехобиданд. Амак инро фаҳмиду:

«Хез ҳардуят, аз ҷӯй баро! — гуфт ба сари онҳо асп ронда. — Набаропӣ, дошта мегираму ба думи асп мебандам».

Гапи вай сахту аммо оҳангаш мулоим буд.

Суфиҷону Комила аз ҷо хестанд. Лингчаҳои хӯшадори онҳо дар пеши пояшон меистоданд.

«Кадоми ту саркарда?»

Сӯфиҷон ба тарафи Комила нигаристу сарашро хам кард. Комила аз вай рӯ тофта:

«Мо не, ана вай.. — гуфт маро нишон дода, — Мисқолча сар кард. Моро маҷбур кард.

Зонуҳоям ларзиданд.

Маро худи онҳо ба ғаллазор андохтанду акнун тӯҳмат мекунанд.

Комилаи ҳамсоя аз як танбеҳ тарсида ба ману ду укоям раҳм накарда берӯёна мефурӯшад. Аҳволи ҳаммактабро бинед! Забонам лол гашт.

Ҳамаи мо бо амри амак ба сӯи хирманҷои миёни замин рафтем.

«Як дон намонда, ба хирман холӣ кун»,— гуфт амак шӯрида.

«Ман холӣ намекунам, — истодагарӣ кард Комила. — Ягон сарашро намепартоям. Ин ҷавро падари ман коштагӣ. Падари ман мекораду ман як каф нагирам?— Вай худро ба болои лингаи хӯшадораш, ки ба замин ғалтида буд, партофт. Сару рӯяш хоколуд шуд. Аммо ба ҳамаи ин парво накарда мегуфт: — Модари ман даравидагӣ. Ғарам кардагӣ. Пас барои чӣ нагирам?»

«Ту ҳозир намегирӣ, духтарам»,— гӯё ба оҳанги муросо гуфт амак. Дигар чи кор ҳам карда метавонист: занам гӯяд, дилаш намешавад, сар диҳам гӯяд, боз намешавад. Моро дида бачаҳои дигар ҳам ҳаво мегиранду ба дуздӣ меоянд. Магар ҳамаи бачаҳои қишлоқро, агар онҳо худсарӣ кардан гиранд, ӯҳда карда мешавад? Бояд, ки таноби моро кашад. Аммо чӣ тавр? Амак гаранг шуда монд. Пас аз сукуте боз дӯғ зада:

«Агар ҳозир холӣ накунӣ, аз болоят асп меандозам»,— гуфт ва аспашро якпоя нихта кард. Асп сарашро тоб дода ба тарафи Комила қадаме нагузошт.

Сӯфиҷон халтаи Комиларо аз дасташ кашида гирифту ба доду вояш эътибор надода, онро ба хирман холӣ кард. Лингаи худашро ҳам чаппа кард.

«Аз гуруснагӣ мурем,— мегуфт Комила алам кашида ва аз дасти вай кашола карда,— ҳамин амак гунаҳкор».

«Аз гуруснагӣ ҳанӯз касе намурдааст. Ту ҳам намемурӣ,— гуфт амак. Мурдан намемонем».

«Ман ба падарам менависам,— гуфт Комила ба асп ҳамла оварда.— Ҳамааша менависам». Баъд як кулӯхи калонеро гирифта, ба сағрии асп фуроварду чиррос зада, ба тарафи вот гурехт.

Амакро асп сӯи дигар бурд. Бале, Комила рост мегуфт. Тирамоҳи соли гузашта овози трактор дар даруни ин ҷавзор як ҳафтаи дароз баланд буд. Падари Комила аз паси руль нафаромада замин меронд. Тухмӣ пошид, мола кард, хат кашиду об дод. Ҷав дами зимистон майса шуда буд, ки вай кӯлворашро бардошту гӯё ба пеши ҷӯраи худаш — падари ман рафт. Онҳо ҳамдигарро дар он ҷо — дар ҷанг дида бошанд ё не, ҳанӯз номаълум. Аз падараш дерест, ки хат намеояд. Пас Комила хат нависад, ба куҷо мефиристад? Бояд гӯям, ки бо номи падару модар калонигарӣ кардани Комила ба ман маъқул нашуд. Охир падару модари кӣ дар колхоз кор накардааст? Масалан, падари ман панҷ гектар харбузаю тарбузи пухтагиро монда рафт-ку?! Ба касе нагуфт, ки инҳоро аввал бачаҳои ман хӯрда сер шаванд, он чи ки аз шиками онҳо мемонад, барои шумо. Қоида ин хел нашудааст. Падари Сӯфиҷон ҳам боғбони зӯр буданд. Пагоҳӣ аз ин сари боғашон дароӣ, аз он тарафаш бегоҳ мебаромадӣ. Ду сол

боз камҳосил шудааст. Ҳамин тавр бошад ҳам, мева-ашро бачаҳои як мактаб ҳафтаи дароз мечинанд. Аммо надидаам, ки Сӯфиҷон ягон бор аз боғи падарам гӯён як сатил мева гирифта бошад. Гурусна ба шер мезанад, мегӯяд, модарам. Лекин ин гапи хато будагист. Чунки ана мо гурусна бошем ҳам, на касеро, балки ба нафси худ мезанем. Ғаллаю нон аз ҷанг, аз аскарон зиёда кунад, мехӯрем, накунад, ба ками кам ҳам қаноат мекунем. Ҷави ҳамин заминро модари ман ҳам даравида буданд. Аммо як каф ба хона наоварданд. Чӣ, метарсанд магар? Не, наметарсанд. Одами стахановчӣ аной не, ки аз ҳар чӣ тарсад. Ҳамту рӯяш нашудагӣ, виҷдонаш роҳ надодагӣ. Ҳай, ҳай, Комила бо ту як гап нашавад дуруст. Менависад! Хуб роҳата ёфтай-дия! Агар ҳар як бача ба падари ҷанговараш аз ранҷу алам, аз камбудиҳои хонаю колхоз навиштан гирад, медонӣ чӣ мешавад? Ҳамаи аскарон гарангу бесаранҷом шуда мемонанд. Гарангу бесаранҷом шаванд, чӣ тавр ҷанг мекунанд? Не, онҳоро осуда гузор! Бигузор бо хотири ҷамъ сари душманро кӯбанд. Ҷанг ба охир расаду мо сиҳату саломат калон шавем, дигар ҳеҷ роҳ намедиҳем, ки боз ҷанг шавад! Ҳа, роҳ намедиҳем. Як бор ҷанг ба охир расида, ҳама роҳи алоқаҳо кушода шаванд, оламиён сонӣ мебинанд қудрати моро! Ба ҳама бачаҳои олам мактуб менависем, ки аз гиребони одами ҷангталаб гиранд! Ҳоло ту хат навишта бесаранҷом накун, Комила, аввал ғолиб шуда, тезтар гашта биёянд, сонӣ як гап мешавад.

Ба санге пешпо хӯрда ба замин ғалтидам. Нохуни поям хуншор шуд. Дард кашида, сар бардошта дидам, ки пеши роҳам гурӣ-гурӣ малах мекӯчад...

Дар давоми ин хаёли дароз укоҳоям дар даст калтакча таг-таги тут мегаштанд. Лекин будагӣ гап, бо ин қаноат намекунанд. Дере нагузашта бадтар гурусна мемонанду боз нонталаб мешаванд. Пас чӣ бояд кард! Модарам кай меомада бошад? Аз омадани модарам чӣ суд? Ягон чиз ёфта намеояд-ку! Ҳоло мо се нафар гуруснаем. Модарам ки омад, чаҳор гурусна мешавем. Модари аз кор монда шуда омадаро зориҳои мо бадтар хаста мекунад. Чӣ кор кунам, ки бори мо ба модарам гарон наафтад? Дар воқеъ, чаро мо — бачаҳо лӯхтак намешавем? Агар дар қашшоқӣ лӯхтак мешудему дар серию пурӣ ба асли худ мегаштем, чӣ хел аҷоиб

мешуд! Афсӯс, ки ҳамин хел намешавад! Чӣ кор кунам? Боз ба хӯшачинӣ равам? Ба кадом ғаллазор равам? Оё ғаллаи хирманҷоро бардошта бошанд? Агар бардошта бошанд, хокашро меғундоштаму бод мекардам, донаш ҷудо **мешуд.**

Ин фикру хаёлҳо маро тамоман бесаранҷом карданд. Як чизамро гум кардагӣ барин токчаю рафҳоро кофтам, ба даруни косаву табақ даст андохта дидам. Ногоҳ даруни хурма шилдирос зад. Бинам, ки як каф маккаи бирьён. Эҳ, чӣ хел нағз! Модарам мегуфт, ки ту, Мисқолҷон, бачаи бабахт ҳастӣ, гапаш рост будааст. Маккаи бирьёнро ба укоҳоям тақсим карда додам. Аз шодӣ ҳай ҷасту хез карданд! Ҷаҳончаи чиркинак аз рӯям бӯса кард. Фаттоҳи каттача мӯямро сила намуд. Оҳи дил андаке сабук гардид. Аммо ин макка ҳанӯз илоҷи халосӣ набуд.

Имшаб ба дег чӣ меандозем? Фардо чӣ мехӯрем? Ба умед хонаю анбор ва оғилро кофтан гирифтам. Охир модарам ҳар бор чизе намонд гуфта, ғусса мехӯрду охир ягон чиз меёфт. Пас ман чаро наёбам? Лингаву ҷуволҳо чаппа афшонда шуда буданд. Чашмам ба хӯрҷини тори боло афтид, ки варам барин менамуд. Сандалиро ба таги по гузошта баромада бинам, ки ғалла. Ба чашмам бовар накардам. Ним чашми хӯрҷин маккаву ҷуворӣ, арзани ба ҳам омехта. Ин албатта еми ягон мол будагӣ, лекин мо ҳозир на буз дорему на бузғола. Ҳамаашро кайҳо фурӯхта хӯрдаем. Аз ғалла чӣ тавр хӯрок мепазем? Дар ӯғур кӯфтан даркор? Ба ӯғур дастам базӯр мерасад. Кӯбакашро бардошта наметавонам. Орд кунем-чӣ? Осиё барам?

Хӯрҷинро ба китф партофтаму ба бачаҳо гуфтам:

— Ман ҳозир меоям, аз ҳавлӣ набароед.

Ҷаҳонтоб аз доманам кашид:

— Куҷо меравӣ? Ман ҳам меравам.

— Не, ту намеравӣ,— дасташро аз доман канда партофтам.— Ту ҳам равӣ, сағ мегазад. Ман нон меорам. Фаҳмидӣ, Нон!

— Нон? Дурӯғ мегӯӣ,— Фаттоҳ ба ман бовар накарда уреб-уреб нигарист.

Хӯрҷинро таҳ карда ба сар монда, ба роҳ баромадам. Ғалла бисьёр набошад ҳам, ба назар сар маҷақ, гардан каҷ ва миёнам дуқат мешуд. Поям ба поям мепечид. Дар пастию баландихо дакка хӯрда, ба хоку

чанг жӯлида дар роҳҳо аз ҳамлаи сагҳои дайду базӯр халос хӯрда, лаб-лаби ҷӯй ба осиё расидам. Оби осиё аз новаи баланд ба чуқурии тақрибан ба як қади бед баробар гулдурос зада фуромада, кафк зада, ҷӯйро пур карда мерафт. Бӯи форами орди гарм ба димоғам зад, дилам беҳол шуд. Аз даруни осиё садои гардиши вазнини санг ба гӯш мерасид. Ман борамро аз сар гирифтанӣ шуда онро партофта фиристодам, хайрият, ки хӯрҷин накафид.

— Биё, як ту кам будӣ,— гуфт касе аз дарун.

Араќи рӯямро пок карда, дар рӯ ба рӯ Комиларо дидам, ки як нӯги дурраи фарангашро газида меистод.

— Бори ту канӣ?— пурсидам аз вай.

— Дар сари дӯл,— фиребгарона хандид.

— Чӣ овардӣ?

— Ган-дум!

— Гандум? Аз куҷо ёфтӣ?

— Ба дузд мол қаҳат не.

— Сафсата нахон!

— Рости гап, аз хирмани колхоз чапғалат карда гирифтам. Чӣ алам мекунад? Аз ғаллаи коштаи падарам.

Хӯрҷинро ба замин гузоштам. Вай аз дастам кашола кард:

— Ту акнун ба ман ёрӣ деҳ!

Мо ба пеши зинапоя рафтем. Аз рӯбарӯ ҳамон амаки чӯлоқ баромад, ки дар таги даст асобағал саропо арақшор шуда даҳони халтаи ордро бо дандон газида ба боло кашола мекард. Ман гӯё болои уздӣ ба даст афтода бошам, лаҳзае карахт шудам.

— Аз миёни роҳ гурез!— гуфт амак, ки ҳоло ба ҷои осиёбони ба ҷанг рафта истода, зӯр зада лингаро ваҷаб ба ваҷаб ба боло кашола мекард.

«Ман адо,— гуфтам ҳамон замон ба дилам,— акнун ин амаки чӯлоқ ғаллаамро орд карда намедиҳад». Вале хайрият, ки паи ин фикр фикри дигаре ба майна зад: «Ба ӯ мадад кун». Давида рафта аз пушти линга ба пеш тела додам.

— Боракалло. Лекин зӯр назан, ки маъюб мешавӣ, духтарам,— гуфт амак ҳарсас зада. Вай як пояшро тиргаку гарданашро рост карда, лингаи пурборро чунон таконе дод, ки аз замин канда шуда ним қадам ба пеш рафта фаромад. Ниҳоят, лингаи ордро ба

таҳи девор дукаса рост карда мондем. Амак аз миёнбандаш риштаю сӯзан гирифт. Пай бурдам, ки даҳони лингаро дӯхтанист. Риштаро гирифта ба тебана гузарондам, амак даҳони онро лаблӯла зад. Ман дӯхтам. Ҳамин дам садои тактаки санги осиё суст ва хомӯш шуд. Осиёбон оҳ кашиду қомат рост кард ва туктук асо зада ба даҳони дар баромад. Сӯфиҷон рӯ ба рӯ омад, ки шип-шилта тар буд. Дарақ-дарақ меларзид.

— Обро чаро партофтӣ?— пурсид амак дар ҳолате ки худро дар асобағал дошта натавониста мекалавид.

— Обро? Кадом обро?

— Оби новаро...

— Билло, ки амак, ба нова наздикӣ накардаам. Ман дар поён оббозӣ кардам,— ӯ таги пули поёнро нишон дод.

— Пас обро кӣ партофт? Дав, дида биё!

Сӯфиҷон шамол барин давида рафту касе аз пушт банди дасти маро тофта кашола кард. Тоб хӯрда бинам, ки Комила. Сарлуч, бо ранги парида ва рӯи ордолуд ба тарафи дӯл ишора мекунад. Саросема ба сари дӯл баромада дидам, ки як ғалбер гандум ноҷунбон истодааст.

— Сарбанди нова дар ҷояш амак, касе кор надоштааст,— гуфт Сӯфиҷон гашта омада. Вай ҳарсас мезад.

— Пас чаро санг намегардад?— пурсид амак дар таги дар.

— Худам ҳам ҳайрон.

Амак ба сари санг омад. Аз таги санг як нӯги даридаи дурра баромада меистод, ки онро дида ба Комила барошӯфт:

— Ин чӣ қилиқ?

Комила рӯяшро бо каф пӯшида филиқ-филиқ гирист:

— Аз сарам афтид.

— Аз кӣ пурсида ба дӯли ғалладор гандум андохтӣ?— дӯғ заданӣ шуд осиёбон. Вале овозаш боз мулоим баромад.

— Аз шумо пурсиданӣ будаму аз ёдам баромад.

— Ту ҳам Мисқол барин вазнин шавӣ намешавад?

— Мисқол-писқол гуфтан нагиред. Мисқолатон ҳозир омад. Поида шинам дер мешавад. Ман ба мактаб меравам.

— Ту духтари танноз будай, хеле инҷиқ. Ана, Мис-

қол укоҳоям танҳо мондаид, намегӯяд. Батоқату ба-бардошт. Ту ғаллаатро аз дӯл гир.

— Дасти ман ба таги дӯл намерасад,— баҳонаи нав ёфт Комила.

Санг нисфи дурарo хоидаю андармон шуда истода монда буд, ки онро бардошта аз нав сар додам. Санг боз тиқир-тиқир ба гардиш даромад.

Сӯфиҷон почаҳои даридаи эзорашро то зону барзада, чанд лингаро ба канор гирифта монд. Ман таҳи девор нишаста хаёл кардам, ки худи ин Комила чӣ хел духтар? Либосҳои модарашро калону кӯҳна бошанд ҳам, дуздида мепӯшад, шикамаш гурусна бошад ҳам, ба қош ӯсма мекашад. Дар ҳар қадам дурӯғ мегӯяду қасам мехӯрад. Ҳамаро фиреб медиҳад, ба ҳама тӯҳмат мекунад. Агар ҳамин хел одамон намебуданд, балки ҷанг ҳам намешуд. Як пои ин амак дар куҷо монда бошад? Падари ман чанд фашистро кушта бошад? Модарам имшаб аз саҳро кай меомада бошад?

Укоҳоям ба ёд расиданд. Ҳоло аҳволи онҳо чӣ хел бошад? Оё ба ҳамдигар даст ба гиребон нашудаанд?

— Ҳа, чаро мум газида, тахта шуда мондӣ?— аз ман пурсид Комила.— Ақлу ҳуша ғундору даҳони лингаи маро дор.

Комила як бел ордро ба лингаи тарафи чап андохт.

— Аз лингаи худат боз ду бел гирифта рез,— фармуд амак.— Ҳаққи осиёро холӣ кун.

— Ие, амак, инсоф кунед. Худи ордам як тӯппию ду бел мегиред-мӣ?

— Ба ман надеҳ, ҳаққи осиёи колхозро деҳ. Ин орд ба колхозчиён атола мешавад.

— Аз ман бас, аз инҳо ҳам мегиред. Орди шумо бисьёр мешавад,— гуфт Комила ману Сӯфиҷонро нишон дода.

Амак зӯрашро гузаронида натавонист.

— Гиру нагирон,— чун калонсолон маро дуо кард Комила ва лингаро як такон дода болотари китфаш гирифт.— Акнун гӯшатро ба даҳонам дор, як чиз мегӯям, ки ба касе намефаҳмонӣ. Хуб?

Гӯшамро ба даҳонаш наздик бурдам. Вай пичиррос зада гуфт:

— Ҳолангӣ гапи дурӯғ буд, бовар накун. Гандумро аз хирманҷо не, модарам аз бозор харида омад. Куртаи атласам рафт.— Чашми вай лиққӣ об шуд.

Вай домани куртаашро бардошта нифа карду бо миён хамида ба роҳ даромад. Сатанги ситабр! Ҳамин қадар орд дораду боз ғами бисота мехӯрад-а?

Ман гумон карда будам, ки Сӯфиҷон ғаллаашро ба дӯл андохт. Гумонам хато баромад. Дар лаби хама нишаста, орди ғаллаи омехтаи маро ба хӯрҷин меандохт.

— Чаро навбати худатро гузарондӣ? — пурсидам аз вай. Ҳарчанд, ки инро аз таҳи дил мехостам, аммо табиист: ин рафтори неки ӯро дида меҳрам меафзуд. — Охир, ту рӯзи дароз нигарони ин навбат будӣ?

— Гапа накоб, Мисқол,— гуфт ӯ ба нӯги биниам навозишкорона як ҳӯпоқ зада.— Беҳтараш, ки бинета пок кун.

Нӯги бинии ман сафед шуда буд, ки онро дарров пок кардам.

Сӯфиҷон даҳони хӯрҷинро басту бардошта ба сарам гузошт ва ба китфам якто зада:

— Марш! — гуфт.— Ба қафоят нигоҳ накарда дав.

Шодии ман ҳадду канор надошт. Орд гарм ва вазнин бошад ҳам, ба сарам мулоим мерасид. Ман, ки қариб ба хона мерасидам, дар роҳ ҷо ба ҷо истодам. Ҳаққи осиёро надода будам. Бозгашт ба осиё омадам. Амаки чӯлоқ чой мехӯрд. Сӯфиҷон наменамуд.

— Ҳа, ту ҳоло ҳам ҳамин ҷо? — хавотир шуда пурсид амак.

— Аз ман ҳаққи осиё гиред, амак,— ва хӯрҷинро ба замин гузошта даҳонашро кушодам. Вай ранҷидагӣ барин сурфа карду як нони зағора дод.

— Сафари дигар мегирам, духтарам, имшаб колхоз ғалла медиҳад. Сафари дигар биёр, ана сонӣ...

Ба вуҷудам қувваи нав даромад. Пойҳоям медавиданд. Сарам, бағалам гарм буд. Дар майнаам кадом як оҳанги шӯхи рақс ҷавлон мезад. Ба ҳавлӣ расидам. Укоҳоям на парвои орд доштанду на парвои нон, ҳарду баробар маро ба оғӯш гирифта, сару рӯямро сила карда мебӯсиданд. Аз тарафи майдон овози гиръяи Комила ба гӯш мерасид.

— Модараш зад,— гуфт Фаттоҳҷон,— дурраи фаранги модараша даррондааст.

— Вай ба ин ҷо омад? — пурсидам аз укоҳоям.

— Не, наомад,— баробар ҷавоб доданд онҳо.— Дар таги майдон нон хӯрда мегашт, ки модараш омад, дурраи даридаро дида, дод гуфту зад.

— Бечора,— гуфтам беихтиёр оҳ кашида. Вале намефаҳмидам, ки бечора кист: Комила ё модараш? Худи ман ё укоҳоям? Не, ҳамаи мо — бачаҳо, калонсолони замони ҷанг! Ҳама, ҳама бечора будем.

## АҒБА

Моҳигул сарбанди сиёҳи рангпаридаашро ба сар партофта, чанд лаҳза пеш ба аёдати пиразани бекас рафта буд. Он ҷо пиразан ӯро меҳмондории нағз карда суханҳои хуш гуфта бошад ҳам, духтараш Хуршедаро фаромӯш карда наметавонист. Бо хавоси парешон зуд ба хона омада дид, ки дар занҷиру дар болои бом низ касе ба назар намерасад. Кӯча хилват.

— Хуршеда, ҳо Хуршеда! Куҷоӣ духтарам?— фарьёд кард вай.

Ҷавобе нашуд. Дили Моҳигул-холаро гургон мекананд.

Охир, ҳамагӣ чанд лаҳза пеш духтару модар андармони кори хона буданд: Хуршеда ба оташдон ҳезум мемонду ҳар дам ба роҳи ағба чашм медӯхт. Модар шири дарҷӯшро бод кашида, ба андоми ӯ менигарист. Як ҳафта боз Хуршеда дудила. Аввал намедонист, ки ба намоиши Якуми Май равад ё наравад? Гоҳо ба модараш мегуфт: «Ба ид меравам, бибиҷон, ҳо, албатта, меравам». Модараш хурсанд шуда буд, ки Хуршеда агар ба ид равад, одаму оламро мебинаду баҳри дилаш кушода мешавад. Аммо дертар Хуршеда боз аз қавлаш гашт. Акнун мегуфт, ки «не, ба ид ман намеравам». Оре, ҳамин тавр, табъи духтараш мушавваш. Аз ин сабаб Моҳигул лолу ҳайрон буд, ҷасорате надошт, ки рози дили ӯро пурсад. Фарз кардем, вай рози дили ӯро пурсид. Хуршеда дар ҷавоб шартӣ талаберо ба наздаш гузошт. Он гоҳ чӣ мешавад? Моҳигул чӣ кор мекунад?

Модар, охир, аз розҳои айёми балоғати духтараш метарсид. Чашми ҷигарбандаш рӯз ба рӯз рахшонтар мешуд. Оразаш бо иборан шоирон, гулҳоро дар таҳайюр мемононад, лаъли лабаш лоларо хиҷил мекунонад. Китфаконаш пурра... Ҳай, ҳай, аз чашми бад нигоҳ

дорад-е. Бо вуҷуди ҳамаи ин модар мехост духтараш ба ид равад.

Охир, Хуршеда ҷавон аст... Моҳигул мехост ба духтар аз айёми шубоби худ ҳикоя кунад, нақл кунад, ки он рӯзҳо ба чӣ ормон гузашта буданд, вале инро вай пагоҳӣ, ҳангоми ширпазӣ лозим надонист. Ба тарзи дигар боз ба сари мақсад омад. «Рафтори ту маъқул не, бачам,— гуфт ширро бод кашида,— рафторат ҳамин бошад, гӯшанишин шуда мемонӣ. Ҳа, хилватпараст мешавӣ. Ҳой, гӯшашинӣ акнун дар ин замон ба зан ҳеҷ намезебад, ҳа, келин шавӣ, шӯракат хушк мешавад. Не, духтарам, ту агар фарзанди ман бошӣ, дидадаро шав, ба дида ҷо шав. Дамдузд нашав, сукут накун, духтарам. Ту дами дарун мегардию ман беҳуда обу адо мешавам. Не. Ту Хуршеда бачаҳои мардум барин хушу хурсанд бош! Айёми ид асту ту бошӣ, аз хона намебарой?! Ин чӣ қилиқ? Мошин омаду ҳамаро савор карда гирифта бурд, ту бошӣ, аз хона намеҷунбӣ. Чунон беҳавсала ки куртаи наватро ҳам намепӯшӣ. Ӯсма кандию аммо об накардӣ, ана дар рӯи санг хазон шуда монд. Ҳой, вақт ғанимат, ба ягон ҷой меравӣ ё не?»

Хуршеда бошад, оташи таги дегро ба берун кашида, бо сари хам: «Ба ағба бароям, майлаш» пурсид он гоҳ. Бале, ҳамин тавр аз даруни як ҷаҳон гапи дилаш вай фақат як ҷумларо гуфт. «Ба ағба мебарой? Дар ағба чӣ ҳаст?»— боз пурсид модараш. «Дар ағба — офтоб. Офтобак!» «Не, ин тавр бошад, беҳтараш, ки дегро фурору ширро хунук кун. Баъд сафедӣ андоз. Ман даррав гашта меоям». Инро гуфта модар ба назди пиразан рафта буд. Ана акнун кори вай духтарковӣ.

— Хуршеда! Дар куҷой, духтарам?— боз фарьёд мекунад ӯ. Ба фарьёдаш фақат радио ҷавоб медиҳад.

— Зинда бод Якуми май! Ур-ра, урр-ра-а!!!

Баногоҳ ба назди геологҳо нарафта бошад?— худ аз худ мепурсад Моҳигул. Дили ӯ бадтар хавотир шуда радиоро хомӯш мекунад, чунки ба қавле акнун ба гӯши ӯ овози булбул ҳам намефорад. Ҳавлӣ дар сукут мемонад.

Моҳигул порсол аз як мурдан базӯр халос шуда буд. Фасли тирамоҳ буд, ки дар кӯҳи тарафи чап хаймае пайдо шуд. Ба хайма одамоне, ки камзӯлҳои ғафс пӯшида, дар китфашон борхалтаҳо доштанд, даробаро

мекарданд. Онҳо ба чашм айнакҳои зарду сиёҳ гирифта, ба по ботинкаҳои вазнин пӯшида, бо сару гардани дар офтоб сӯхта, яке газчӯб, дигаре бел бардошта, кӯҳ ба кӯҳ мегаштанд.

Моҳигул, ки ҳисси кунҷкобиаш ҷӯшида буд, рӯзе як сатил ҷурғот гирифта, ба назди онҳо баромад. Аз онҳо ҳолу аҳвол пурсид ва касбу корашонро фаҳмида, ҳайраташ афзуд. Вақти бозгашт ба санге пешпо хӯрда, пои чапаш ғеҷиду осмон гӯё ба сараш чаппа шуд. Ба домана ғелида рафт. Моҳигул аввал дардро писанд накарда, пахта доғ карда басту қӯри гарм ҳам гирифт. Бо вуҷуди ин дард дармонашро наёфт, ки пояш баръакс гупчаквор варам кард. «Ҳа, ин кори ҷину аҷина,— пиндошт дар дили худ Моҳигул.— Пайваста хонондан даркор!» Қарор дод, ки шикастабандро оваронда муоина мекунонад ва мехононад. Хуршедаро он рӯз аз мактабаш мононда, арзи муддао кард. Духтар филфавр ба аспи саманди худ савор шуда, ба ағбаи рост баромада рафту дере нагузашта табиберо ҳамроҳи худ овард. «Ана бибиҷон, духтурхола омаданд». Дурӯғ нагӯй, фурсати як чойҷӯшонӣ нагузашта, аллакай рафта омадӣ?»— бовар накарда ба рӯи духтараш нигарист Моҳигул. «Ба худо, ки...» «Э, беҳуда қасам нахӯр, духтур овардӣ ё шикастабанд?» Хуршеда табассум мекард... Духтур пои маҷрӯҳи ӯро нағз табобат кард, ки дардаш дере нагузашта, ту дидию ман надидам шуда рафт.

Моҳигул ҳоло ҳамаи инро ба хотир оварда, боз хавотир мешавад. Ногоҳ чизе ба ёдаш мерасаду сӯи меҳмонхона меравад. Ба китобхонӣ ишқаш буд, дарсхонаашро бинам-чӣ, мегӯяд дар дил. Аҷабо, ҷевонҳои Хуршеда торафт аз сангу сангча пур мешаванд. Дар девор расми як мӯйсафеди ришғаббаи мутафаккирқиёфа... Инчунин мис, суроб, қалъагӣ... Ким-чиҳои дигар ҳам ҳаст. Модар ба фарқи онҳо намеравад.

Моҳигул китоберо варақ мезанад, ки аз байни он сурате ба замин меафтад. Исто, ки ин сурати чист? Воаҷаб, нақши гули садбарг! Йигитчае шарм надошта духтари вай — Хуршедаро табрик кардааст. Иди Май баҳона, рӯзи таваллуд баҳона. Соли нав ҳам баҳона... табрикҳо. Инаш кам буд магар, ки, мазмун, духтаражро мепояд. Вале сари кадом кӯча мепояд, нагуфтааст, фиребгар. Беодоб!

Моҳигул дар варақи дигаре тасвири баргеро дарьёфт, ки ба сурати дили одам монанд буд. «Баҳори ман, умеди ман, хушрӯи ман, хушбӯи ман...» Оҳ-о, ин хати Хуршеда-ку. Мурад одам, ки гапи дигар наёфта хушбӯи ман гӯяд. Хушбӯ буданашро аз куҷо медонӣ? Орзую хаёл ҳам ба эбаш будагист, охир?! «Баҳорашу хушрӯяшу хушбӯяш» баногоҳ фалокате ба сари вай наорад?! Хӯш, кист он хушбӯ? Шояд Хуршеда гулро дар назар дошта бошад. Воқеан, чаро вай аз баҳри хондан баромад? Ба институт нарафт?

Торҳои асаби Моҳигул таранг мешаванд. Ӯро фикри мағшуше фаро гирифта, фишор медиҳаду саросема мекунад. Боз китобҳоро варақ мезанад. Ана, альбом. Аз афташ, сурати ин ҷавони бераҳакунанда дар қабати альбом меистод. Кошкӣ, худи вай ҳоло дар ин ҷо мебуд, агар ҳамин ҷо мебуд, Моҳигул як торсакӣ ба ин рӯяш мезаду як торсакӣ ба он рӯяш. Оре, аламашро мегирифт... Не, зада-зада ба пеши модараш мебурд.

Дар альбом, дар ҳақиқат сурати вай ҳанӯз меистод. Як тараф духтарон — ҳамсинфони Хуршеда, дар тарафи дигар — ҷавонмарди болоқади газгӯште. Гӯё вай муқобили офтоб истода бошад, сараш андаке хам, пешониаш чин-чин, ба Хуршеда бо қираи чашм менигарад. Нигоҳи дилфиреб. Нигоҳҳоят хушк шавад, рӯхунук.

Моҳигул дафъаи аввали ин суратро дидан онро чаппа карда пурсида буд, ки вай кист?

«Ту намешиносӣ, пармачӣ. Дар мактаб вохӯрӣ шуд. Ин кас аз корашон ҳикоя карданд. Қарори ман дигар шуд, бибиҷон, кончӣ мешавам»,— ҷавоб дода буд он рӯз Хуршеда.

— Оре, духтарро шинохтан номумкин. Хандида-хандида дил мерабояд, гириста-гириста абгор мекунад...

Ҳамсабақҳои Хуршеда имсол як фикру хаёл доштанд. Мактабро ки хатм карданд, ба шаҳрҳо мераванд. Орзуяшон институт. Институт онҳоро аз деҳаашон кашида мегирад ва мебинӣ, ки гӯлу шармгинакҳо ба калонсолҳо дарс медиҳанд. Туфлиҳои пошнабаланд мепӯшанду куртаҳои ихчаму навдӯхта (куртаҳои ту барин не, ки ба хасу хошок андармон шаванд), мӯяшон дар сарашон шох ва ё ки лӯнда (ин ҳам нағз, сари хӯ-

ваи ту барин не, хасу хошок ба он кам мечаспад, ҳама ҷойро мӯйрезаю мӯйпечҳо намегиранд). Инаш ҳам нағз. Ин ба баъзеҳо нафорад ҳам, раво-раво ҳама ҳамин хел мешаванд. Ҳо, онҳо аз кӯчаҳо қатор-қатор гузаранд, чӣ хуб? Э, хондагиҳо бисьёр шаванд-э. Муаллим ҳамсояи дасти рост. Духтур ҳамсояи дасти чап. Ҳисобчӣ ҳамқишлоқ. Инженер ҳам ягон қаробат дорад. О, ин ифтихори деҳа-ку. Э, ҷавонон хондан гиранд-э.

Ва Моҳигул дар тахайюлоташ Хуршедаро дар миёни ҳамон духтарони мутахассис медид. Миёни онҳо духтарашро дида тахмин мекард, ки рӯзе вай ҳам «раҳкиро деҳ, бибиҷон, ба институт меравам» хоҳад гуфт. Эҳтиётан панҷ-шаш танга пасандоз намуд. Аммо Хуршеда чӣ кор кард гӯед? Ба бозор рафту на ба худаш, балки барои модараш куртае харид.

Нурҳои хуршеди оламтоб ба шишаи даричаҳо зада алмососо медурахшанд. Села-села гунҷишкакон дар шохаҳои бед чириқ-чириқ хониш мекунанд. Моҳигул ба поёни боғ мефарояду сар бардошта, ба ағбаи офтоббаро менигарад. Сари ағба гӯё ба авҷи аъло мерасад.

Ағба. Ағбаи муроди модар: сӣ сол муқаддам вай тез-тез ба ҳамин ағба мебаромад. Аз он тарафи ағба рамаи Раҳмон — падари Хуршеда тунук ва парешон шуда меомад. Ду рама ба дордорашон гӯш накарда, ба ҳамдигар ҳамроҳ мегардид. Гӯсфандҷудокунӣ баҳонаю онҳо ба дидори якдигар мерасиданд.

Моҳигул пагоҳии бармаҳал ба кӯчарӯбӣ мебаромад ва медид, ки касе ба таги дар лола монда рафтааст, лоларо монда, аммо орзуяшро дар дил пинҳон карда рафтааст. Бале, дар дилу дидаи Моҳигул фақат Раҳмонҷон буд, он вақтҳо. Вале Моҳигул ҳанӯз на ваъда дода буду на ваъда гирифта. Вақте шуд, ки пуштаи кӯҳ машқгоҳи ҳарбӣ гардид. Мардони деҳа аз кор баромада меомаданду ба пуштаи кӯҳ мебаромаданд. Сонӣ, амру фармонҳои «Як-ду се, ба чап, ба рост, бихез, бидав, бихоб» пасту баланд шунида мешуданд. Шақар-шуқур шамшерзанӣ, найзаҷанг, тра-та-таи пулемётҳо замину осмонро ба ларза меоварданд. Машқҳо шабу рӯз идома доштанд. Сонӣ сафи ҷавонмардони паҳлавон рахна шудан гирифт. Онҳо як ба як аз деҳа рафтанд. Раҳмонҷони Моҳигул ҳам гӯё таҳи дили ӯро нафаҳмиду орзуҳояшро писанд нанамуд. Уфф, он лаҳзаҳо ба ёд



расанд, ба вуҷудаш мурғак медавад. Линга дар даст, кӯлвор дар китф рӯҳи равонаш ба ҷанг меравад. Ана ду канори кӯчаи дароз—зану бача, мӯйсафедон, гӯё ҳама бо Раҳмонҷон рафтанӣ. Дастони ларзону ҳайрхоҳ ба сӯи вай дароз мешаванд. Вай наметавонад, ки дасти ҳамаро фишорад, ба рӯи ҳама табассум кунад. Алопар саги вафодори ӯ дар сари роҳаш мехобаду ғел мезанад, аз доманаш мегазаду қафо мекашад, лоба мекунад. Аспи саманди ӯ гирди мех мечархад, дароз-дароз шиҳа мекашад, меафшонад, дандон мехояд, чароғпоя мешавад.

Моҳигул лолу ҳайрон аст. Худи ӯ дар қафои гуселкунандагон шарм дошта истад ҳам, дар дил пешопеши Раҳмонҷон ба сӯи ҷанг медавад.

«Чаро маро ҳамроҳи худ намебарӣ? Кош ғубори роҳ мешудаму ҳамроҳи ту мерафтам. Кош офтоб шуда, сар-сари ту метохтам...» — мегӯяд дар дил.

Баъд шабҳо пурасрору ҳавлангез ва абрҳо болои деҳ овезон шуданд. Моҳигул ҳар рӯз ба ағба мебаромад. Рама ронда мебаромад.

Не, Раҳмонҷон ҳам меояд, ордену медальҳо гирифта меояд, мегуфт ӯ ба дили худ тасалло дода, вале он гоҳ маро назараш мегирифта бошад? Охир, соли ман ҳам рафта истодааст, ғайр аз ин ҳозир дар деҳа духтар аз мӯи сар бисьёр. Мабодо аз ман беҳтареро хуш кунад...

Дили Моҳигул таҳ кашид ва ӯ аз шиддати хашму ғазаб, дарду алам бонг зад: «Нест бод фашизм!» Кӯҳ акси садо дод. «Нест бод фашизм!»

Оре, баъди ин ҳам Моҳигул ҳар рӯз ба синаи ағба мебаромаду мефаромад. Рафта-рафта рама ҳам тунук шуд. Сонӣ як сар-ним сар бузғолаю баррача монданду бас. Торҳои ҳузнангези орзуҳо ниҳоят таранг ва қариби гусистан буданд, ки хайрият Раҳмонҷон омад. Бо як даст. Маҷрӯҳ бошад ҳам, сарбаланд омад. Ҳамон вақт Моҳигул аз гумонҳои пештарааш хиҷолат кашид. Дар таги дари ӯ боз лолаҳо пайдо шуданд.

Модар, ки ҳоло дар пайраҳа рӯи санге нишаста, гузаштаро ба ёд меовард, хастаҳолона по ба рӯи сабза мегузораду боз ба ағба менигарад. Не, афтию ғалтӣ ҳам, Хуршедаро меёбӣ, мегӯяд ба дили худ. Миёни ҳар санг гӯё як фарсанг. Ногоҳ аз қафои дарахти писта пайкаре ҷаҳида мегузарад. Куртаи албони вай лах-

чавор медурахшад. Дили модар лаҳзае шод мегардаду пас аз лаҳзае ба тахтапушташ рафта мечаспад. Вай канда-канда нафас гирифта, ба дашт менигарад. Тарафи офтоббаро даштҳои васеъ. Ҳоло Раҳмонҷони вай ҳам дар ҳамон дашт. Ҳо-о рамааш туман барин хира-хира намудор аст.

Дар воқеъ, ҳозир вай ин ҷо биёяду Хуршеда куҷост гуфта пурсад, чӣ ҷавобе медиҳад? Ҳозир ин духтари сакалту дар куҷо бошад?

Моҳигул ба танаи писта такья карда, ба қаъри дара менигарад. Менигараду ба он чи ки мебинад, бовар намекунад. Гӯё чашмаш ӯро фиреб медиҳад. Баҳорони пештара дар ин дара анбӯҳ-анбӯҳ алаф мерӯид. Ҳоло дар миёни ин алафзор маноре аз симу оҳан кашидаанд. Дараро кофта-кофта хокашро ба мошинҳо бор карда, ба куҷоҳо мебаранд. Лабораторияҳо, кураҳо ва цехҳо гӯё ба мағзи ҳамин дара мӯҳтоҷ будаанд. Не, ҳоло фурсати ҳамин фикрҳо нест, ҳоло ғами духтараш. Манораи чордевора дару девор надорад.

Моҳигул аз теппаи ағба мебинад, ки дар миёнаҷои манора сутуне чун тири ҷувоз замин мешикофад. Дар ҳамон ҷо марде ҷунбуҷӯл дорад. Хуршеда назди дари ҳамон хонача истодааст. Мӯяш ба гирди сар чанбарак, остинаш барзадагӣ. Акнун Моҳигул нафаси чуқур мекашад, вале ҳатто ҳавои хуш ва бӯи гулҳоро ҳис намекунад.

Баръакс, муштҳояшро гиреҳ карда дандон месояд. Ана диден, зодаи ӯ ҷонситони ӯст.

— Хуршед-а-а-а?— нидо мекунад Моҳигул.

Овози ӯро касе намешунавад. Вай мехоҳад, ки ба поён фарояду аз банди дасти духтараш гирифта, ба ағба ронад. Аз пеши пояш санге мепараду он ба хоктӯда рафта мезанад, хоктӯда вайрон мешаваду хирмани хок ба тарафи манора мерезад. Моҳигул низ афтону хезон ба он тараф мефарояд. Дар роҳ ӯро духтараш медорад.

— Ҳа, ин қадар саросема? — дар лабони Хуршеда табассуми гунаҳкорона медамад.

— Кӣ саросема? Ҳа, бесаранҷом, забоната ғунда газад,— дар миёни абрувони модар хати чуқур пайдо мешавад.

— Э, дод нагӯ, ин ҷо усто ҳаст, — ба истиҳола мегӯяд Хуршеда.



— Ҳ-а, устода...

— Ист, бибиҷон...

Марде аз хоначаи манорашакл сандуқеро бардошта баромада, дар саҳни ҳавлича мегузораду ба тарафи Моҳигул хандакунон меояд.

— Шинос шав, бибиҷон, ин кас устои ман — Қодирҷон, — мегӯяд Хуршеда.

— Кӣ? Усто?.. Ҳамин кас усто? — ҷавонмардро мебинаду забон мехояд модар. Баъди ин пушаймонӣ хашмашро фурӯ менишонаду хаёле табассум мекунад.

— Салом, холаҷон! Шумо сиҳат ва саломат ҳастед? Хуршедаро бубахшед. Ба ман ёрӣ доданд. Мошинро тоза кардем, ман мӯҳтоҷи ёрӣ будам.

— Наход? — чашмони Моҳигул мамнунона медурахшанд.

Духтар ва ҷавон ба ҳамдигар маънодорона менигаранд. Чашми модар дар ин лаҳза ба мотоцикль меафтад. Мотокцикли сурх ва сечархаи шинос дар таги девор яклаба меистод. Оре, мотоцикли шиноси сечарха?!

Аз ёди кас некӣ намеравааду бадӣ. Ҷавон гӯё тоқате надорад, ки ба чашми Моҳигул нигоҳ кунад. Моҳигул ҳам гӯё аз ким-чӣ шарм медораду ба чашми ӯ нигоҳ карда наметавонад. Ӯро модар бо чашми дил мебинад.

Аввали зимистон буд, ки Моҳигул ба пушти кӯҳ харакӣ гузашт. Ба роҳи калони миёни дара аз ҳар канор як роҳ баромада мепайваст. Роҳ пур аз мошинҳо буду хари сарсахти вай аз мошин мерамид. Ниҳоят, тоқати Моҳигул тоқ шуду ситеза карда аз хар фуромад ва ба сағрияш чанд тозиёна зад. Хар ба роҳи омадааш рафт. Моҳигул, ки миёни роҳ лолу ҳайрон монда буд, намедонист, ки чӣ тавр ба тӯйхона равад?! Вай ба мошинҳои раҳгузар даст мебардошт, аммо онҳо наистода гузаштанд. Ҳамин дам дар паҳлуяш мотоцикле пайдо шуда истоду ҷавонмарде ӯро бо илтифот савор кард.

Мошинҳои роҳгузар гӯё паҳлуҳои онҳоро рӯфта мегузаштанд. Ронандаи мотоцикль аз конкушоӣ гап зад. Он ҷавонмарди баҳиммат ҳамин Қодирҷони усто буд.

Ҳоло дар баҳри дили Моҳигул мавҷи ҳаяҷоне медамид, ки хеле гуворо буд ва танҳо хоси модарони духтардор. Ба гӯши вай гӯё ёр-ёри фораме мерасид. Ба

назараш гулхани фурӯзони миёни маърака ва сари ба таъзим фурӯравандаи ду нахли ба ҷон баробар падид меомад.

Шояд ҳамин тавр шавад ва шояд ин тавр нашавад. Вале ба ҳар ҳол байни ваҷоҳату гуфтору рафтори Қодирҷону шавҳари вай Раҳмон-амак торҳои умумии ҳамсадо кашида шудаанд.

Қодирҷон аз даруни чоҳ қуттии навбатии зуғӯтаҳоро ба берун бароварда таҳ мекунад. Ин дам модар ба духтараш мегӯяд:

— Ба хона рав, нону қаймоқ гирифта биё. Имрӯз ид асту устои ту кор мекунад.

Хуршеда, ки то ҳол аз модараш шарм дошта, дасту по мехӯрд, аввал ба ӯ нобоварона нигоҳ мекунад ва баъд ҳадаҳа ба домани ағба мечаспад.

Моҳигул мехоҳад, ки тахтакати усторо, ки ба дами девор меистод, рӯбучин кунад. Рӯфтаравон чашмаш ба радиои спидола меафтад ва ӯ мурвати онро метобад. Аз радиои дастӣ мавҷи қарсакҳои идкунандагон ва ҷӯри таблу нақора ба самъ мерасад. Он ҷо — дар шаҳр мардум шиорҳоро баланд бардошта, бардам-бардам қадам мениҳанд. Дар осмони идҷо пуфакҳои рангоранг пасту баланд шино доранд. Дар фазо кабӯтарони рангоранг села-села мепаранд. Ин соати саъд, ин суруду ҳаяҷон дар дили ӯ шӯр меангезад. Он ҷо ид тантана дорад, ин ҷо бошад, вахтаи кор, аввали шиносоӣ...

## БИСОТИ КӮҲНА

— Дадо, дадоҷон...

— Лаббай, ҷони дадо?..

— Ман аз шумо хафа шудам.

— Аз ма-а-н? Барои чӣ?

— Даврон дина шарманда шуд.

— Даврон? Кадом Даврон?

— Давронн ҳамсоямон. Чаро ӯро намешиносед? Ман ҳамаи рафиқони шумоя мешиносаму шумо бошед, Даврона намешиносед. Писари амаки Муллонур-дия, Даврон.

— А-а... Шуд, шуд — шинохтам. Хайр, чӣ шуд? Ту ба миёни ҳар кас надаро.

— И-е, дадо чаро ин хел мегӯед? Шумо, охир, ба кори ҳама қатӣ шуда мегардед-ку. Чаро ман дар бораи бачаҳо гап назанам? Даврон ҳозир ду гирифт.

— Худат-чӣ? Будагӣ гап, ту баҳои аъло гирифтӣ. Ҳамин тавр не? Хӯш, ки бошад, худат аъло хонӣ шуд, ба дигарон корат набошад, духтарам.

— И-е, дада, Сокина ҳам гирья карда баромад.

— Гирья карда баромад? Аз куҷо? Барои чӣ?

Аз синф гирья карда баромад. Ман аз ҳама шарм доштам. Сонӣ ба онҳо дилам сӯхт. Ба Даврон раҳмам омад.

— Ту худатро дон, гуфтам-ку, дигаронро ҳеҷ парво накун.

— Шумо ба ман ҳамин хел мегӯеду аммо худатон ҳам ба роҳатон рост намегардед...

Вай дар хона «дада»-и бачаҳо буду дар идора «раис»-и коргарон. Воқеаи ҳозира дар идорааш рӯй медод. Вай, рости гап, духтарашро то ин вақт беақл гумон мекард. Аммо ана ҳозир медид, ки хато карда будааст. Ана, ҳай-ҳай нагӯяд, духтараш гирдогирди мизи мудаввараш гашта, дар атрофи сандуқи пӯлодӣ пилмида, коғазҳои рӯи мизро чаппаю роста карда, ба худи ӯ танбеҳ медиҳад. Бале, аз даҳонаш бӯи шир нарафтаасту пурсандаю донанда шудааст, ин духтарак! Вай дар куҷо ин қадар доно шуд? Аз афташ, яслию боғча корашро кардааст?! Аз афташ, моҷарою муноқишаи байни зану шӯ ӯро бедор кардааст?! Радиову телевизорро барои бачаҳо хавфнок мегуфтанд, ки ана исбот шуд. Барои ҳамин ҳам духтарчааш хуб мехонад? Бисьёр ки мехонад, бисьёр медонад. Ба ин ҷои шубҳа нест. Ҳушьёру хушзеҳн аст, духтараш. Иншооллоҳ аз оила кадри хуб мебарояд.

Духтарак коғазҳои дарҳам-барҳамро чида таҳ мекарду чангу хоки мизҳоро бо латтаҳо пок менамуд ва байни ҳамаи ин падарашро боз пурсуҷӯ мекард.

— Дадо, амаки Муллонур ҳам хафа шудаанд?...

— Бале, димоғаш сӯхта гаштааст.

— Очаи Сокина ҳам арозӣ?

— Очаи Сокина ароз нею ситеза карда гаштааст. Аммо... як рӯз не як рӯз боз биниашро кашида меояд.

— Дадо?

— Чи мегӯӣ, ҷони дадо?

— Дили бисьёри онҳо сиёҳ барин.

— Бале, духтарам, дилсиёҳон кам нестанд. Лекин ту чаро ғами ҳамаро мехӯрӣ? Чаро ту таги дили маро намепурсӣ?

— И-е, шумо хурсанд-ку, дадо? Одами хурсанд чӣ ҳасрат дорад?

— Чӣ, ба назари ту ман дигаронро озор медиҳаму аммо худам хурсанд шуда мегардам?

— Агар хурсанд нашавед, чаро ба ҳама айбу иллат мемонед?

— Охир, ҷазои одами ганда чунин аст, духтарам.

— Чи гандагӣ карданд, одамон?

— Ҳой, ин ҷо ба ту ҷои маҷлис нест! Бе ин ҳам маҷлис маро қимоб кардагӣ. Маҷлис ки шуд, гапи ман як тараф мемонаду гапи коллектив мебуррад. Оқибат худам дар як тараф танҳо мемонаму мешӯрам, сонӣ илоҷи дигар наёфта чораю тадбир меҷӯям. Ба яке выговор медиҳаму дигарашро огоҳ мекунам. Ана, ин бисоти кӯҳна, папкаи сабил аз чораю тадбирҳо пур-пур шуда рафтагӣ.

Духтарак бисоти айбномаҳоро варақ зада диду ба як тараф партофт.

— Инҳоро ман медонам, дадо.

— Чи тавр? Аз куҷо медонӣ? Ба ту кадом фосиқ хабар мерасонад?

— Ман ба шумо гуфтам-ку: ваяш баҳои ду гирифт, инаш аз дарс гирья карда баромад. Муаллимон сабабашро пурсиданд. Инаш ҷавоб дод, ки дадом аз кор дарғазаб шуда омад, ваяш гуфт, ки бибеҷм дар идора касал шуда мондаанд. Ҳамаи ҳамсинфонам айбҳои шуморо медонанд. Ман аз онҳо шарм медорам, аз шарм дар синфам намеғунҷам.

— Ин тавр бошад, ба ҳамсинфонат гуфта мон: падару модаронашон ҳар чӣ гӯянд, лаббай гуфта ҷавоб диҳанд. Идора-боғчаи бачаҳо не, ба дугонет гуфта мон, ки бибии вай бачаашро ба идора кашола карда наояд.

Раис тахтапушташро ба пуштаки стул партофта ва айнакашро ба қаншари бинӣ дурустакак шинонда, гӯё ходимеро махсус қабул карда истода бошад, сабабу далелҳоро шарҳ додан гирифт.

— Ба одамон барои он чора мебинам, ки овози баланд набароранд, лахтакҳои матоъҳоро рустию луздӣ ба хона кашонда, лӯхтаку зоча надӯзонанд, яъне ба-

интизом шаванд, бале баинтизом шаванд, мегӯям! — Вай ғалладони мизро кушоду аз он ҷо халтачаи пур аз қанду қандалотро баровард ва ба духтарчааш дароз кард:

— Ма, ина гир.

— Не, намегирам, дадо.

— И-е, анаю халос. Ман барои иди соли нават арча ҳам харидагӣ.

— Ба ман арча-парча даркор не.

— Барфаку Бобои барфӣ ҳам тайёр. Қимату хушрӯяшро харида мондам. Барои ту...

— Раҳмат дадоҷон, лекин ман намегирам.

Дили раис зафъ кард. Дар умраш касе гапи ӯро ин дараҷа гардонда, ин дараҷа таҷанг накарда буд.

— Дадоҷон, фардо иди соли нав мешавад?

— Ид ҳамин шаб сар мешавад.

— Имшаб агар ид бошад, ба киҳо мукофот додед?

— Мукофот? Чӣ хел мукофот? И-е, ана созу мана ноз! Ягон коргари бедоғ намондаасту ба киҳо мукофот диҳам?

— Ба ҳама, ягон касро ҷудо накарда, ба ҳама мукофот диҳед.

— Ба ҳама? Не, ин таклифат лоиқи қабул нест.

— Гапи шумо гап-мӣ?

— Гапи ман гап аст.

— Ҳамту бошад, дадоҷон, хонаи мо ид намекунад. Ман ҳам ба ид намеравам.

— Барои чӣ? Чаро охир? — раисро арақи сард пахш кард. Вай дандон ба дандон зада ларзид.

— Дарро пӯш, ки хона хунук шуд,— фармуд ба духтараш.

— Ман печкаро гарм кунам, дадо?

— Ҳа, дар воқеъ, ту печкаро тезтар гарм кун, духтарам. Зудтар бош!— Раис инро фармуду бо хотири ҷамъ ба берун баромада рафт.

Духтарак аз рӯи мизу аз ҷевонҳо ҳар коғазеро, ки ба назараш нодаркору дардисар менамуд, даста-даста ғундошта ба оташдон партофтан гирифт. Дар байни аловдаргиронҳо ҳамон ҷузъгири чораю тадбирҳоро низ ба оташдони аловаш баланд партофт, ки он лангаскунон сӯхт.

Инро раис гашта омада ҳангоми даргирифтанаш бо чашми худ диду тохта ба дами печка рафт ва бо

доду фарьёд даст ба оташдон дароз кард. Вале чӣ шуду нашуд, ки оташдон таркид ва чароғҳои хираи кабинет банохост баланд равшан шуданд. Дар пеши чашми раис мушакҳо париданд. Вай ҷонҳавл духтарашро бардошта, рӯи ҳавлӣ гурехтанӣ буд, ки дар остонаи идора пешпо хӯрда ғалтид.

— Вой, вой...— нола кард аз алам ба худ печида.

Раис хоби гарон дида буд. Соат кайҳо ба ҳисоби тақвими нав чақ-чақ кор мекард. Иди соли нав барои ин марди амалпараст талх мегузашт.

**МУНДАРИЧА**


Яккаписар . . . . . . . . . . . . . 3
Шукри имрӯз . . . . . . . . . . . . 13
Аґба . . . . . . . . . . . . . . 30
Бисоти кӯҳна . . . . . . . . . . . 40

БАРОИ БАЧАҲОИ СИННИ КАЛОНИ МАКТАБӢ

Курбон Али

ЕДИНСТВЕННЫЙ СЫН

(На тадж. языке)

Муҳаррир *А. Маҳмадшоев*
Рассом *И. Ғаниев*
Муҳаррири ороиш *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *М. Акбарова*

ИБ № 1041

Ба матбаа 11.11.85 супурда шуд. Ба чопаш 25.03.86 имзо шуд. КЛ 05702. Формати 80×108[1]/[32]. Қоғази типографии № 3. Гарнитураи мактабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 2,52. Ҷузъи рангаи шартӣ 2,94. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,203. Адади нашр 3500 нусха. Супориши № 7860.
Нархаш 5 тин.

Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, 734025. Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

Нашриёти «Маориф» дар нимсолаи аввал китобҳои зеринро ба хонандагон пешкаш мекунад:

*Саттор Турсун.* «Дувоздаҳ ҳикоя».
*Абдумалик Баҳорӣ.* «Тиру камон».
*Шодӣ Саттор.* «Аллаи модар».
*Аҳмад Маҳмадшоев.* «Гап байни худамон».